ҚАРОРИ ҲУКУМАТ
нархи сиёҳшиша
боло рафт **с.2**





КМВА «ПОМИР»
соҳиби Ҷоми ЛФТ шуд **с.17**

«АФСОНАҲОИ БИБИҶОНИ ГУЛСИФАТ»
Мусоҳиба бо
«Адиби беҳтарини сол»-и
Лондон **с.13**



ТОҶИКИСТОН

№13
(1316)
27.03.19
Оғози
нашр:
марти
1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!

www.tajikistantimes.com

НАВРӮЗ гузашт, ку БАРҚ?

ду САВОЛЕ, ки посухи РАИСРО талаб мекунад



Дар ин шумора:

ТОҶИКИСТОНУ ПОКИСТОН
чанд мушкилоте,
ки роҳи ҳал мехоҳад **с. 5**


ҶУРҒОТУ КЕФИР
Хуҷанд пешу
Бохтар қафо. Чаро? **с. 6**

НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ
чаро дар Тоҷикистон барои
он роҳ намекушоем? **с. 7**

ХОРУҒ
барнома ҳасту амал нест **с.8**

“ВИП”-САДАМА
сабабгори марги ду
ҷавону тақдиршикани
ду ҷавони дигар **с. 9**

СЕВИНЧ, ШАБНАМ, СИТА...
галаконсерти бошукуҳ
дар Ваҳдат **с. 12**



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН,
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ,
доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,
муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ,
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД,
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР,
мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА,
хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА,
хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ,
хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,
шореҳи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ,
хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj

АДАДИ НАШР:
14 300

“АКНУН АМАЛ КУНЕД” –мегӯяд парлумони ТОҶИКИСТОН

«Акнун амал кунед – то ояндаро эҷод кунед», - таҳти ин унвон дар шаҳри Душанбе рӯзҳои 28-29 марти соли равон Конфронси минтақавӣ оид ба сармоягузории ҷавонон баргузор мегардад.

Тавре котиби матбуоти Мақлиси намояндагон Муҳаммадато Султонов хабар дод, иштирокчиёни конфронси минтақавӣ бештар дар бораи вазъи сиёсию ҷамъиятӣ ва ҳаёти бевоситаи ҷавонон дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва берун аз он маълумоти бештар ҳосил менамоянд. Конфронси мазкур бо ташаббуси бевоситаи Мақлиси намояндагони Мақлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи Осиё ва Рушд, Хазинаи ҷамъиятии Япония ва Фонди рушди аҳолии Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад. Дар конфронс, ҳамчунин, ба масъалаи фаъолнокии шаҳрвандии ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишварҳо, иштирок ва ҳамкории бевоситаи ҷавонон дар ҳаёти парламентҳои мамлакатҳояшон ва натиҷаи тадқиқоти демографии ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.Дар конфронси мазкур намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Мақлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои муқимии корпуси дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият доранд, иштирок менамоянд.

“СИЁҲШИША” будан ГАРОН меафтад

Дар асоси Қарори Ҳукумати Тоҷикистон, ки аз моҳи апрели соли ҷорӣ ба иҷро медарояд, сиёҳ кардани шишаи "таксӣ" ва мусофирбарҳо манъ шудааст.

Мақомот далели манъи таксиҳои сиёҳшишаро дар кишвар расман шарҳ надодаанд. Аммо ҳоло аз ронандаҳои таксӣ хоста шудааст, ки бо шишаҳои шаффоф ё бидуни ранги сиёҳ мусофиркашонӣ кунанд. Дар ҳамин ҳол, қимати иҷозатномаи сиёҳ кардани шишаи мошинҳо барои онҳое, ки мусофиркашонӣ намекунанд, 27 дарсад афзудааст. Мувофиқи қарори нав, барои сиёҳ кардани шишаи мошинҳои истеҳсолашон то соли 2005 ронандагон бояд 3 ҳазору 575 сомонӣ, муодили 350 доллар бипардозанд. То кунун нархи чунин иҷозатнома 2 ҳазору 750 сомонӣ (270 доллар) буд. Ронандагони мошинҳои соли тавлидашон 2005 ва навтар аз он, барои гирифтани иҷозатномаи шишаи сиёҳ 4 ҳазору 730 сомонӣ (470 доллар) бояд супоранд. То ба ҳол моликони чунин мошинҳо 3 ҳазору 410 сомонӣ (340 доллар) боҷ месупориданд.





Комроншоҳи Устопириён, варзишгари тоҷик


УСТОПИРИЁН қаҳрамони Наврӯзи БОХТАР шуд

Бо ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Бохтар бо ташаббуси соҳибкор Нусрат Файзуллоев мусобиқаи муҳташами гӯштини миллӣ барпо гардид.

Чорабинии мазкур на танҳо бехтарин паҳлавонони кишвар, балки зиёда аз 15000 мухлисони ин варзиши асили мардуми тоҷикро дар варзишгоҳи марказии шаҳри Бохтар ҷамъ оварда.

Зиёда аз 100 паҳлавон дар ин рӯз соҳиби ҷоизаҳои гуногун, аз қабили бузу гӯсфанд, гов, қолину техникаҳои маишӣ ва маблағи пулӣ гардиданд. Ду шоҳҷоиза автомашинаи сабукрав барои паҳлавонони маъруфи тоҷик муайян ва пешниҳод карда шуда буд. Паҳлавонони шинохтаи кишвар барои соҳиб шудани туҳфаи арзанда бо ҳам рақобат намуданд. Барои яке аз шоҳҷоизаҳо паҳлавон Саидҷамол Алимардонов ва ду карат қаҳрамони Осиё оид ба варзиши дзюдо Комроншоҳи Устопириён қуввасанҷӣ намуданд. Дар ин рақобат бо истифода аз усули маъмулии худ тавассути бардошти ҳалуки дохила ё дар намуди дзюдо маъмул бо «учи мата» рақибашро партофт намуда, соҳиби шоҳҷоиза гардид. Барои шоҳҷоизаи дувум паҳлавонони дигари тоҷик Саидҷалол Саидов ва дорандаи медали биринҷии Гран-прии Марокаш дар соли 2019 оид ба намуди дзюдо дар вазни ҷамъи 100 кг. Тимур Раҳимов сабқат намуданд. Рақобати ин ду паҳлавон хело тӯлонӣ сурат гирифта, мусовӣ анҷом ёфт. Ҳамин тариқ, ягона шоҳҷоизаи арзандаи мусобиқотро Комроншоҳи Устопириён паҳлавони маъруфи тоҷик ба даст оварада, қаҳрамони Наврӯзи 2019 дар шаҳри Бохтар интихоб гардид.

САРИ САБЗ



Валерий АҲАДОВ, коргардон:

-Тоҷикон бисёр мардуми эҷодкоранд, вале ба онҳо бояд аз назари дарёфти маълумоти касбӣ кумак кард. Агар маро барои кор даъват кунанд, ҳатман меоям.

-Худашон дар муҳоҷиратанду боз шуморо ба кор даъват кунанд?



Асланбек САРТБОЕВ, сардабири “ Азия-Нюс”:

-Хомӯшии ӯ шубҳаҳоеро ба вуҷуд меорад, ки шояд вай дар ҳақиқат ҷосус аст? Мо чӣ гуна ба нафаре, ки дар Тоҷикистон дар асорат қарор дошт, метавонем бовар кунем?

-Бовар кунед ҷаноби сардабир, ба Шарофидиин Гадоев,ки дар асорат буд, бовар мекунанд - ку?



Гулрухсор, шоира:

-Маро барвақт аз китобҳои дарсӣ берун андохтанд. Аммо донед, ки барои ман муҳим нестанд. Бе китоби дарсӣ ва бе даъват ба ҷашни Наврӯзи Норак ҳам дӯст медоранд.

-Апаи Гулрухсор, Ленину Сталин ҳам дар ин китоб нестанд, 8 миллион тоҷики дигарро ҳам даъват накарданд. Ҷой набудааст,зиқ нашавед...

• Бино ба иттилои Дастгоҳи Президенти Ӯзбекистон, аз 1 апрели соли ҷорӣ қабулгоҳи Шавкат Мирзиёев ба фаъолият шурӯъ хоҳад кард.
Ба гуфтаи Бахтиёр Ҷамолов, раиси қабулгоҳи мардумии Дастгоҳи Президенти Ӯзбекистон, Шавкат Мирзиёев шахсан шаҳрвандони кишварро пазируфта, арзу шикоятҳои онҳоро хоҳад шунид. Ҳамчунин, қабули Президенти Ӯзбекистон тавассути Интернет ё "онлайн" роҳандозӣ хоҳад шуд. Ҳоло дархости 20 нафар барои суҳбати рӯ ба рӯ бо Шавкат Мирзиёев қабул шудааст.

• Нурсултон Назарбоев чанд соат қабл аз оммавӣ кардани тасмими истеъфояш ба Путин занг задааст. "Нурсултон Абишевич худаш занг зад.
Тамосҳои телефонӣ солҳои охир пайваста дар ҳолатҳои зарурӣ сурат мегирифтанд. Чанд соат қабл аз эълонаш низ занг зад", - иттилоъ дод Дмитрий Песков, сухангӯи президенти Русия. Песков таъкид кард, ки Назарбоев бо Путин дар мавриди ҷойгузинаш маслиҳат накардааст, танҳо зарур донист, ки ӯро огоҳ кунад.



• Раиси нави сенат ва духтари Президенти пешини Қазоқистон Дариға Назарбоева 26 март ҷаласаи бюрои сенатро баргузор кард.
Дар он ба кумитаҳои сенат лоиҳаи қонунҳоеро тақсим карданд, ки аз сӯи маҷлис пешниҳод шуда буданд. Яке аз лоиҳаҳои пешниҳодӣ марбут ба буҷаи соли 2019-2020 буд. Ба иттилои сомонаи сенат, Назарбоева ба баррасии тарҳи буҷаи ҷумҳуриявӣ, ки 4 апрел баргузор мешавад, бештар таваҷҷуҳ кардааст.

НАВРӮЗ гузашт, ку БАРҚ?

ду **САВОЛЕ**, ки посухи **РАИСРО** талаб мекунад

Аз шабакаҳои барқии пойтахти кишвар хабар ёфтем, ки имрӯз низ қисмати зиёди кӯчаву маҳаллаҳои шаҳри Душанбе боз бе барқ мемонад. Кормандони соҳа боз ҳам баҳонаи таъмиру навсозро пеш овардаанд.

Қариб ду даҳсола Тоҷикистон аз набудани барқ танқисӣ мекашид, вале бо вуҷуди ин Душанбе аз ин азоб озод буд. Акнун номи баланди истеҳсолкунандаи калони барқро гирифтем, аммо барқ надорем...

Давоми як моҳ аст, бе эълони пешакӣ ва ироаи сабаб дар тамоми минтақаҳои кишвар барқро хомӯш мекунанд ва ба қавле «соатакӣ» медиҳанд. Сокинон ба унвонии редаксия занг зада, шикоят аз он доранд, ки ҳатто хӯроки шомро дар равшании шамъу чои дар оташчӯшондашударо «нӯши ҷон» мекунанд. Лимити барқ аз аввали моҳи март оғоз гардид. Он на танҳо дар минтақаҳои дурдасти кишвар, балки дар ноҳияҳои пойтахт ҳам имрӯз ҷорист. Айни ҳол, мисли 10 соли қабл барқро 4 соат саҳар ва 4 соат бегоҳ медиҳанду халос. Яъне, мо ба орзуи бистсолаи худ нарасидем?

Тирамоҳи гузашта низ чунин лимит ҷорӣ шуда буд ва он вақт ҳам сабабро таъмири хатҳои баландшиддат ва корҳои профилактикӣ гуфта буданд. Аммо баътар маълум гардид, ки ин амал баҳри ҷамъ кардани об барои обанбори НБО «Роғун» будааст.

Аллакай дар чандин расонаҳо сухангӯи "Барқи Тоҷик" Нозирҷон Ёдгорӣ ин маҳдудиятро дар "корҳои таъмирию профилактикӣ" гуфта буд ва таъкид мекард: "Маҳдудияти интиқоли неруи барқ муваққатӣ буда, сабаби он таъмири таҷҳизоти калони энергетикӣ, хатҳои калони интиқоли барқ ва санҷиши ҳолати коршоямии онҳо, инчунин омодагӣ ба ҷашнҳои дарпешистода мебошад". Ба гуфтаи Ёдгорӣ, "лимит" то таҷлили ҷашни Наврӯз бояд бардошта мешуд. Аммо...



Tajikistantimes.com

Шокирҷон Ҳакимов: Шахсони масъул мушкили пешомадаро рӯирост ба мардум тариқи ВАО гӯянд ва огаҳ намоянд, ки то муҳлати муайян бо сабабҳои гуногун барқ хомӯш мегардад. То аҳолӣ худро ба шароити пешомада мутобиқ намоянд...

Маълум, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳанӯз Наврӯзро ид накардааст ва шояд аз сабаби зиёд будани корҳои таъмиру бозсозӣ барои ин фурсат наёфтааст, вагарна, канӣ барқи ваъдагӣ? Чаро ин сохтор "мардак барин" ба ваъдаи додаи худаш вафо намекунад? Агар мушкилоте дар барқрасонӣ бошад, онро ҳатман бояд рӯирост гуфт, мардум мефаҳманд, вагарна боз ба қавли худи ин сохтор ба "афсонабофӣ" идома медиҳанд.

Чунин ҳолатро ҳуқуқшинос Шокирҷон Ҳакимов нақзи ҳуқуқи истеъмолкунанда меномад: «Аввалан, шахсони масъули ин соҳа мушкили пешомадаро рӯирост ба мардум тариқи ВАО гӯянд ва огаҳ намоянд, ки то мухлати муайян бо сабабҳои гуногун барқ хомӯш мегардад. То аҳолӣ худро ба шароити пешомада мутобиқ намоянд ва ба мушкилӣ гирифтор нашаванд. Дар ҳолати ғайр хабарҳои гуногун ва ғайриқаноатбахш махсусан дар бораи НБО-и «Роғун» пайдо мешавад, ки обрӯи масъулинро мерезонад...».

Ҳоло дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ лимити бемавриди барқро бемасъулиятии роҳбарияти ШСХК «Барқи Тоҷик» дониста, талаби истеъфои онҳоро доранд. Далери Эмомалӣ матлаберо дар сомонаи фейсбукияш ба нашр расонидааст, ки баҳси калонеро ба бор овардааст: «Ман аз раиси ... "Барқи тоҷик" ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқи Тоҷикистон ТАЛАБ мекунам ё сабаби бебарқии моро бигӯй, ШАРМ надор ё ИСТЕЪФО деҳ !!!. Чаро дурӯғ гуфтед то Наврӯз ва инак, то ҳол лимит ҷорист. Дар Роғун чӣ гап? Байни мардум овозаҳост. Нагузоред, ки мардум миш-миш карда гарданд... " Ин дар ҳолест, ки аввали моҳи равон иттилоъ дода шуд, ки тавлиди барқ дар НБО "Роғун" мутаваққиф ва сатҳи об дар обанбори он поин оварда шудааст" ("Спутник"). Масъулини НБО "Роғун" ин амалро раванди муқаррарии профилактикӣ гуфта, таъкид карданд, ки корҳо дар НБО "Роғун" тибқи нақша ва зери назорати роҳбарияти кишвар идома доранд. Ироа шуда буд, ки баъди анҷоми корҳои иловагӣ оби обанбор то сатҳи зарурӣ боз пур карда мешавад ва интизор меравад, ки моҳи апрел чархаи дуюми неругоҳ мавриди истифода қарор дода шавад.Акнун саволи рӯз дутост: яке кай барқ доимӣ мешавад ва дигаре сабаби аслии бебарқӣ чӣ буд?

Посухи раиси Ширкати «Барқи Тоҷик" Мирзо Исмоилзодаро дар ин маврид интизорем.

Саодат РОЗИҚЗОДА,
"Тоҷикистон"

МАВҚЕЪ



Нурулло ҲАСАНОВ,
н.Муъминобод

Чор омили динситезӣ

оқибат ба чӣ меорад?

Аз се дине,ки ба қавле дар дунё ҳукмрон ба шумор мераванд, динситезӣ аз ҳама бештар дар дини ислом вомехӯрад. Бинед,ки ин дин боз ба 4 мазҳаб ба беш аз 72 фирқа тақсим шудааст.

Таърих ҳеҷ гоҳ дар асрҳои эҳёи нав ҷангҳои салибӣ ҳазорҳо ҳазорҳо инсонҳои бегуноҳро ба коми худ фурӯ бурд. Фаромӯш намекунад. Имрӯз бо чунин амалҳои номатлуб ҷаҳони ислом рӯ ба рӯ шудааст. Ба андешаи ман яке аз сабабу сарчашмаҳои муқовиматҳо дар кишварҳо мусулмоннишин ин ба қадри кофӣ аз таърихи дин огоҳии комил надоштани сокинон бошад, дигар ин ки донандагон, хатибон, муллоҳои босаводи деҳот кам андар каманд. Сеюм, маҳз аз ин нуқтаҳои заифу сусти мусулмонон махсусан сарватмандон,давлатмардони намояндагони дигар динҳо олами сармоя устокорона,макорона истифода мебаранд. Бо мағзшӯии одамон онҳоро ба инқилобҳо,ки аксаран бо чангу ҷидолҳо, хунрезиҳо, гурезогурезиҳо анҷом меёбанд, омода месозанд. Ҳатто ба ин набардҳо давлатҳои исломиро низ тела медиҳанд. Мисоли инро дар шиагароии роҳбарони Давлати Исломии Эрон хоҳиши интиқоли он ба дигар кишварҳо (мисоли инро дар Тоҷикистон дидем), Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки солҳо ба чангу ҷидолҳо,задухӯрдҳо дар Афғонистон мусоидат мекунад, мебинем. Чорум, аксар сиёсатмадорон аз номи дини ислом бо таъсиси ҳизбҳо пардохтанд. Ҳама шоҳиди он гаштем, ки чӣ тавр ин ҳизбҳо ба маҳдуд кардани озодиҳои инсон, кушторҳо, таъқибҳо сар карданд.

Тавре ки номзади илмҳои таърих Изатулло Саъдулло менигорад, имрӯз дигар фарқ надорад,ки мо "Давлати исломӣ мегӯем ё "Ал-қоида", "Толибон" ё "Боку Ҳаром". Мо илова мекунем ҲНИТ мегӯем ё "Хаммос", ҷараёнҳои экстремистии ваххобия,салафия мегӯем ё гурӯҳҳои ифротгарои "Ансоруллоҳ", "Акрамия", "Ихвон –ул-муслимин". Онҳо номҳои гуногун доранд, аммо як динро байрақи хеш карда идеологияашон низ як аст: куштор, даҳшатафканӣ,-несту нобудкунии мусулмонҳо бо дасти муслимин.

Оиди динситезӣ, гароиш ба дигар мазҳабу ҷараёнҳо мебояд дастҷамъона аз зинаи поён то боло мубориза бурд, онро решакану таърихи динҳо, ҷараён, фирқаҳоро равшан намудан лозим аст.

БЕ НУРСУЛТОН

ва ҳамеша бо Нурсултон

Наврӯзи имсола барои Қазоқистон фаромӯшношуданист, зеро ба ҷойи истироҳату фароғатҳои идона ҳама дар ташвиш буданд, ташвиши тағйири қудрат. Як рӯз қабл аз Наврӯз 19 март элбаси Нурсултон Назарбоев, баъди тақрибан 30 соли қудрат ғайри интизор аз мақомаш истеъфо дод ва пойтахти ин кишвар - Остона барои ҳамешагӣ Нурсултон шуд.



30 соли қудрат

Истеъфои Нурсултон Назарбоев маънои тарки сиёсатро надорад. Ӯ ҳамоно дар сиёсатҳои ин кишвар нақши калидӣ хоҳад дошт. Худи Назарбоев дар паёми телевизиониаш ҳуд гуфт, ки бо вуҷуди канор рафтан аз мақоми Раиси ҷумҳури Қазоқистон, ӯ ба унвони "Элбаси" ё Пешвои миллат боқӣ мемонад.

"Дар асоси қонун ман мақоми нахустин Президенти Қазоқистон, "Элбасӣ» ва Пешвои миллатро дорам. Ман раиси Шӯрои амнияти миллӣ мемонам, ки бар асоси қонун салоҳиятҳои чиддии муайян кардани сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии кишварро дорад. Ман раиси Ҳизби "Нур Отан" ва узви Шӯрои конститутсионӣ мемонам. Яъне ҳамчун як шаҳрванди кишвар, ҳамчун инсоне, ки мардум ва кишварашро дӯст медорад, бо шумо мемонам."

Мавриди ба ёдоварист, ки Назарбоев Нурсултони 79 -сола аз соли 1989 баъди ба Маскав баргаштани Геннадий Колбин, котиби якуми Ҳизби коммунисти Қазоқистон интихоб шуд ва амалан аз ҳамон вақт роҳбарии ин ҷумҳуриро ба дасти худ гирифт.

Соли 1990 дар парлумон ва соли 1991 дар интихоботи умумӣ Президенти Қазоқистон интихоб шуд. Соли 1995 дар як раъйпурсӣ замони раёсати ӯро то соли 2000 тамдид карданд.

Назарбоев баъди ин бо тағйири батакрори Қонуни асосӣ даврaҳои раёсати худро тамдид кард ва 19 марти соли 2019 замоне истеъфо дод, ки қариб 30 сол боз роҳбарии Қазоқистонро дар даст дошт.

Соли 2015 ба Назарбоев бо қабули як қонуни вижа мақоми Элбаси (Пешвои миллат) доданд.

Боз шудани роҳи Дариға

Пас аз эълони истеъфо, Нурсултон Назарбоев салоҳиятҳояшро "то поёни даврaи интихобот" ба раиси сенати он кишвар Қосим-Жомарт Тоқаев дод ва Дариға Назарбоева ба ҷои ӯ, ба Сенат рафт.

Вакилони палатаи болоии парлумони Қазоқистон рӯзи 20-уми март дар раъйдиҳии пӯшида "якдилона" аз номзадии духтари бузурги Нурсултон Назарбоев Дариға Назарбоева пуштибонӣ карданд. То ин муддат духтари 55-солаи Раиси ҷумҳури пешин, мансаби раиси Кумитаи корҳои баналмилалӣ, дифоъ ва амнияти сенатро дар ихтиёр дошт.

Дариға Назарбоева пештар мақоми муовини раиси маҷлис ва ноиби сарвазирро дошт. Дар кареpаи сиёсии ӯ таваққуфи панҷсолае низ буд, ки он замон ӯ тақрибан аз мазҳари ом ғайб зада буд. Ӯ сиёсатро дар соли 2007, дар пасманзари иттифоқоте, ки бо ҳамсараш Роҳат Алиев, ки дар содир кардани хеле аз ҷиноятҳо, аз ҷумла одамрабоӣ, куштор ва ҳатто талоши табаддулоти давлатӣ гунаҳкор дониста мешуд (Алиевро соли 2015 дар яке аз зиндонҳои Утриш мурда пайдо карданд) рух дода буд, тарк кард. Соли 2012 духтари бузурги Назарбоев аз ҳисоби рӯйхати ҳизби "Нур Отан" вориди маҷлис гардид ва раиси Кумитаи рушди ичтимоиву фарҳангӣ шуд.

Соли 2014 вакилони маҷлис Дариға Назарбоеваро муовини раиси палатаи поёнии парлумон интихоб карданд.

Тоқаев Президенти муваққатӣ ё доимӣ?

Қосим-Жомарт Тоқаев рӯзи 20 март ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи Президент қасам ёд кард. Ӯ дар нахустин суханрониаш пешниҳод кард, ки Остона – пойтахти Қазоқистон Нурсултон номида шавад. Тоқаев гуфт, Назарбоев то поёни умраш ягона Элбасӣ (Пешвои миллат)-и Қазоқистон боқӣ мемонад.

Барои ҷовидона кардани номи Назарбоев, Тоқаев ба ҷуз аз тағйир додани номи пойтахт, ҳамчунин пешниҳод кард, ки тамоми кӯчаҳои марказии вилоятҳо Назарбоев номгузорӣ шаванд. Раисҷумҳури нав ҳамчуни рӯйи зарурати бунёди муҷассамаи Назарбоев дар Остона таъкид намуд ва Президенти пешинро "Элбасии ягона ва модомулумр – падари миллат", "воридшуда ба таърихи ватан ва ҷаҳон", номид.

Интиқоли хонаводагӣ

Изҳороти Назарбоев дар мавриди истеъфояш аз мақоми Раисиҷумҳур бисёр ғайриинтизор садо дод, ҳарчанд солиёни зиёде дар доираҳои коршиносӣ масъалаи интиқоли қудрат мавриди баҳс қарор дошт.

Коршиноси мустақили Қазоқистон Талгат Мамираҳимов истеъфои Назарбоевро «Тақрибан як интиқоли хонаводагии қудрат» хонд. Ба назари ӯ, дар интихоботи пешорӯ мунтазири рақобат набояд шуд, зеро ба эҳтимоли зиёд Дариға Назарбоева ба сифати номзади аслӣ пешбарӣ мешавад ва Раисҷумҳури кишвар мегардад. Мамираҳимов таъкид мекунад, ки омодагиҳо ба марҳилаи ҳозир ду сол қабл, замоне ки салоҳиятҳои президент кам карда мешуд, оғоз гардида буд.

Ба ҷуз ин, мақоми то ин замон машваратии Шӯрои амният моҳи июли соли 2018 ба мақоми конститутсионӣ тағйир дода шуд. Ваколатҳои он ба таври қобили мулоҳиза васеъ гардонида шуд. Назарбоев ҳуқуқ пайдо кард, ки то поёни умр раиси Шӯрои амният бошад. Ҳамон замон бисёре аз коршиносон ин тағйиротро ба унвони як стратегияи Назарбоев барои ҳифзи қудрат баъди канор рафтан аз мақоми президент баҳогузорӣ карда буданд.

"Ӯ аз чунин мантиқе кор гирифт, ки ҳеҷ кадом аз наздиконаш наметавонад ин абаркишвари президентро идора кунад, барои ҳамин салоҳиятҳои президентро ихтисор кард, мансабро супурд ва худ ба ҳайси довар дар боло хоҳад буд ва раванди сиёсиро ҳидоят мекунад", - мегӯяд Мамираҳимов.

Мудири шуъбаи Осиёи Миёна ва Қазоқистони Пажӯҳишгоҳи кишварҳои ИДМ Андрей Грозин дар суҳбат бо Радиои «Озодӣ» гуфт, унсури асосии мавриди таваҷҷуҳ дар Қазоқистон ин мавзӯъ боқӣ мемонад, ки номзади аслӣ аз ҳизби ҳокими "Нур Отан" дар интихоботе, ки ба назари ӯ қабл аз вақт баргузор мешавад, кӣ хоҳад буд? Ба гуфти ӯ дар интихобот Тоқаев, Назарбоева ва ё шахси дигаре иштирок хоҳанд кард.

Коршиноси дигар дар масоили низомҳои сиёсии фазои пасошӯравӣ Станислав Шкел бо он мувофиқ аст, ки шарт нест Дариға Назарбоева президент шавад. "Ин ки Назарбоева мақоми раиси парлумонро ба даст оварад, бозгӯкунандаи чизе нест. Истисно нест, ки мақоми президентро каси дигар, вале аз хонаводаи Назарбоев соҳиб шавад. Ҳоло ҳадафи аслӣ ин аст, ки тамоми мансабҳои калидӣ бояд дар ихтиёри ин доираи оила қарор бигиранд. Шояд низом мисли пештара авторитарӣ бимонад, вале он дигар пойбанд ба як чеҳра нахоҳад буд",-мегӯяд сиёсатшинос.

Баъзе аз коршиносон мегӯянд, Нурсултон Назарбоев ҳодисаҳои дар Ӯзбекистони ҳамсоя баъди марги Ислом Каримов рухдодаро таҳлил намуда, тасмими ислоҳоти низомро гирифт. Духтари бузурги Каримов – Гулнора, ки бисёриҳо ӯро раиси ҷумҳури ояндаи Ӯзбекистон медонистанд, барои фасод ба маҳкама ва ҳабс кашида шуд, аъзои дигари хонаводаи замоне пешвои қудратманди Осиёи Марказӣ ҳам аз ҳукумат дур карда шуданд.

"Назарбоев намехоҳад, ки баъди канор рафтани ҳуд наздиконашро гирифтори азоб кунад. Аз ин хотир нақшаи қудратеро коркард намуд, ки наздиконаш дар назари аввал мақомҳои на он қадар воло, вале ҳамзамон бехатарро ҳифз кунанд, то ба онҳо имкон бидиҳад манофеашонро ҳимоят кунанд", - мегӯянд коршиносон

Хулоса, сарнавишти Қазоқистон дар ояндаи наздик чӣ хоҳад шуд, фақат вақт онро нишон хоҳад дод. Ба ҳар ҳол рафтани Нурсултон Назарбоев бенурсултонӣ нест, балки ҳамеша бо Нурсултон будан мебошад.

МАЪЛУМОТНОМА



Қосим-Жомарт Тоқаев

Қосим-Жомарт Камолович Тоқаев (каз. Қасым-Жомарт Кемелұлы Тоқаев) ходими сиёсӣ, дипломат ва Президенти феълии Қазоқистон 17 майи соли 1953 дар Алма-Ато таваллуд шудааст.

Падари ӯ Камол Токаевич Токаев (1923—1986), нависандаи шинохтаи қазоқ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва аъзои Шӯрои олии Қазоқистони шӯравӣ буд. Модараш Турар Шабарбаева (1931—2000) солҳои тӯлонӣ дар Донишкадаи педогогии Алма-Ато аз забонҳои хориҷӣ дарс гуфтааст.

Қосим-Жомарт хатмкардаи МГИМО, Донишкадаи забоншиносии Пекин ва Академияи дипломатии Русия мебошад. Ӯ қаблан 10 сол ҳамчун вазири хориҷа ва 3 сол дар мақоми сарвазири Қазоқистон кор карда, солҳои 2007-2011 ва бори дуюм аз соли 2013 раиси Сенати Қазоқистон буд. Тоқаев, ҳамчунин, ду сол (2011-2013) дар мақоми баланди муовини дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ифои вазифа кардааст.

Ӯ ба забонҳои қазоқӣ, русӣ, хитоӣ ва англисӣ озодона ҳарф мезанад ва ба фаронсавӣ низ балад аст.

Қосим-Жомарт аз ибтидои роҳ дар командаи Назарбоев буд ва ҳамеша мавриди назари ӯ қарор дошт. Ҳатто Нурсултон Назарбоев дар суханрониҳояш ҳам аз ӯ тавсиф мекард:

«Дар паҳлӯи ман шахсе кор мекунад, ки аз рӯзҳои аввали истиқлоли Қазоқистон ҳамроҳ аст. Вай инсони бовичдон, ҳалол, бомасъулият ва серталаб аст. Манфиати Қазоқистонро чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ ҳимоя мекунад. Ҳамаи барномаи рушди Қазоқистон дар назди вай ва бо иштироки ӯ сохта шудааст. Ман эътимод дорам, ки Токаев ҳамон нафарест, ки мо идора кардани Қазоқистонро маҳз ба ӯ бовар карда метавонем.»

Тоқаев бо Надежда Давыдовна Токаева (соли тавллудаш 1957) оиладор буда, онҳо як писар доранд. Писарашон Тимур Касимжомартович Токаев (соли тавллудаш 1984) соҳибкори муваффақ дар солҳаи нефт аст.

Ҳадаф 500 МИЛЛИОН

аммо чанд мушкилоте, ки байни Тоҷикистону Покистон роҳи ҳал мехоҳад

Дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз сокинони давлати ба мо дӯст – Покистон рӯзи таъсисёбии кишварашонро ҷашн гирифтанд. Вобаста ба ин мо бо иҷрокунандаи вазифаи муваққатии сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоҳид Алӣ Сиҳара мусоҳиб шудем.



- Ҷаноби Шоҳид Алӣ, дар оғози суҳбат дар бораи таърихи ҷашнгирии Рӯзи миллии Покистон каме маълумот медодед.

-Мехостам нахуст кормандони рӯзномаи «Тоҷикистон» ва тамоми сокинони кишвари ба мо дӯсти Тоҷикистонро бо ҷашни Наврӯзи дилафрӯз табрик гуфта, саодатмандию сарбаландӣ таманно намоям.

Расо 79 сол пеш аз ин, яъне 23 марти соли 1940 дар шаҳри Лоҳур Лигаи мусулмонон қарордоде қабул намуд, ки мувофиқи он таъсиси давлати алоҳидаи мусулмонон дар нимҷазираи Ҳинд пешбинӣ мешуд. Идеяи таъсиси Покистонро мутафаккири бузург – Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ пешниҳод намуд ва зери роҳбарии Қоиди аъзам Муҳаммадалии Ҷиноҳ ин нияти нек амалӣ гардид. Дар натиҷа, 14 августи соли 1947 Покистон истиқлолияти худро эълон намуд. Аз сабаби он ки 79 сол пеш дар Лоҳур санади муҳими зербинои давлати мо қабул шуд, ҳар сол 23 март - Рӯзи миллии Покистон ва 14 август - Рӯзи истиқлолияти Покистон ҷашн гирифта мешавад.

- Вазъи кунунии робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Покистон чӣ гуна аст?

- Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 робитаҳои дипломатиро ба роҳ монданд. Аз он давра дӯстии Покистону Тоҷикистон яке аз намунаҳои беҳтарини ҳамсоядории нек дар сатҳи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ин аз иродаи неку дурандешонаи роҳбарони ду давлати дӯсту бародар, ки ҳадафашон сулҳу пешрафт, гул-гулшукуфии кишварҳо ва минтақа аст, гувоҳӣ медиҳад. Дар ин давра бо мақсади таҳкими робитаҳои дуҷониба 55 санад ба имзо расидааст, ки соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғайра, ки роҳбарони ду кишвар асос гузоштаанд, сол то сол густариш меёбад.

Имрӯз мушоҳида мешавад, ки ду кишвари дӯсту бародар роҷеъ ба масоили минтақавию байналмилалӣ нуқтаи назари

Tajikistantimes.com

Амалишавии лоиҳаи «CASA – 1000» ба Покистон имкон фароҳам меорад, ки дар давраи тобистон аз Тоҷикистон 1000- 1300 мегаватт неруи барқ бигирад.

муштарак доранд. Дар баробари СММ узвияти кишварҳоямон дар Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ҳамкориҳои моро дар доираҳои гуногун боз ҳам қавитар гардонид. Аз ин рӯ, Тоҷикистону Покистон дар форумҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ ҳамдигарро ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳар ду кишвар сулҳу суботро шарти асосии рушди иқтисодиёт ва пешрафти мамлакат дониста, терроризму экстремизм ва ҷинояти муташаккили фаромиллиро неруи таҳрикдиҳандаи бесуботию зӯроварӣ мешуморанд. Бо ҳамин мақсад мо якҷоя кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки ба ҳадафҳои дарпешгузоштаамон зудтар бирасем.

-Ба андешаи шумо, чӣ тавр метавонем ба ҳадафи дарпешгузоштаи роҳбарони ду кишвар, яъне то ба 500 миллион доллар расонидани табодули солонаи мол миёни Тоҷикистону Покистон ноил гардем?

- Воқеан миёни ду кишвар иқтидори бузурги рушди тиҷорат мавҷуд аст, ки то ҳол амалӣ нашудааст. Аммо рушди нишондиҳандаҳои робитаҳои тиҷоратии ду кишвари дӯст хурсандибахш мебошад. Агар соли 2011 ҳаҷми табодули мол миёни Тоҷикистону Покистон ҳамагӣ 15 миллион долларро ташкил дода бошад, соли 2014 ин рақам ба 90 миллион доллар расид. Сипас, бо сабабҳои бухрони иқтисодӣ ин рақам андаке поён рафта, соли 2017 то 45 миллион доллар поён фуромад. Боиси хушнудист, ки соли 2018 ҳаҷми табодули мол боз рӯ ба афзоиш ниҳода, ба 62,5 миллион доллар расид. Баланду пастшавии нишондиҳандаи мазкур бо баъзе сабабҳои беруна вобастагӣ дорад.

Ба андешаи ман, яке аз монеаҳои асосии рушди робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистону Покистон набудани роҳҳои мустақими мошингарду оҳан ва ҳавоӣ мебошад, гурӯҳҳои муштараки корӣ борҳо дар бахшҳои тиҷорату сармоягузорӣ, нақлиёт ва энергетика ин масъаларо баррасӣ карда, баҳри то ба 500 миллион доллар расонидани табодули мол миёни ду кишвари дӯст чорабиниҳо мекунанд.

Бо мақсади расидан ба ин ҳадафҳо соли 2015 мо дар шаҳри Душанбе як қатор намоишгоҳҳои тиҷоратӣ доир намуда, дар сафорат шуъбаи тиҷоратӣ боз намудем.

- Андешаи шумо дар хусуси амалишавии лоиҳаи бузурги энергетикии «CASA – 1000» чӣ гуна аст?

- Худованд ба Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ато намудааст, ки истифодаи самараноки онҳо боиси тавлиди миқдори зиёди энергияи барқароршаванда мегардад. Тавре медонед, Покистон яке аз кишварҳои сераҳолитарини сайёра ба шумор рафта, талабот ба неруи барқ, дар он алалхусус дар фасли тобистон, ки дар Тоҷикистон барқ аз эҳтиёҷот зиёд аст, торафт меафзояд.

Амалишавии лоиҳаи «CASA – 1000» ба Покистон имкон фароҳам меорад, ки дар давраи тобистон аз Тоҷикистон 1000- 1300 мегаватт неруи барқ бигирад. Лоиҳаи мазкур ба Тоҷикистон даромад оварда, боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мешавад.

Азбаски лоиҳаи «CASA – 1000» нахустин ташаббуси амалӣ оид ба пайванди Осиёи Марказии аз захираҳои энергетикӣ бой ва Осиёи Ҷанубӣ мебошад, тамоми кишварҳои шарик, аз ҷумла Қирғизистону Афғонистон, инчунин созмонҳои мададрасон ба амалишавии бомуваффақияти он диққати зиёд медиҳанд. Соли 2016 баъди маросими ифтитоҳи зеристгоҳ дар шаҳри Турсунзода бунёди лоиҳаи мазкур оғоз ёфт. Боварӣ дорам, ки бо кӯшиши якҷоя ин лоиҳаи муҳим ба зудӣ мавриди истифода қарор мегирад.

- Соли 2017 Ҷумҳурии Исломии Покистон узви комилҳуқуқи СҲШ гардид. Нақши ин созмони муқтадирро дар тамаркузи иқтисодӣ ва ҳифзи амнияти минтақа чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Қабули узвияти Покистон ба СҲШ барои мо ҳодисаи фараҳбахши таърихист. Мо аз Тоҷикистон ва дигар кишварҳои дӯст барои дастгирии узвияти Покистон ба ин созмони бонуфуз изҳори сипос мекунем. Имрӯз кишварҳои узви СҲШ 40 фоизи аҳолии дунё ва 20 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ташкилоти мазкур яке аз неруҳои бузург дар ҳалли масоили минтақавию глобалӣ ба шумор меравад. Созмони номбурда иқтидори бузурге дорад, ки метавонад минтақаро ба ҷомеаи гул-гулшукуфон табдил диҳад.

Алҳол мо бо мушкилоти нав ба нав рӯ ба рӯ шуда истодаем, ки паси сар кардани онҳо кӯшиши якҷояро талаб мекунад. Афзоиши терроризму экстремизм ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ аз ҳамин қабиланд. Баъзе ҷиноятқорон ваҳшонияти худро зери пӯшишҳои динӣ амалӣ карда, ба номи неки ислом иснод меоранд.

Вобаста ба ин СҲШ метавонад дар таъмини амнияту суботи минтақавӣ нақши ҳалкунанда бозад. Сохтори зидитеррористии минтақавии СҲШ (РАТС) системаи бисёрҷонибаи таъмини амниятро пешниҳод менамояд. Тавассути он неруҳои мусаллаҳи кишварҳои узви созмон уҳдадоранд, ки робитаи доимӣ дошта, табодули иттилоот намоянд, машқҳои муштараки низомӣ гузаронанд ва барои рафъи таҳдидҳои амниятӣ стратегияи дастаҷамъона қабул кунанд.

Дар баробари ин, СҲШ барои тамаркузи иқтисодии минтақа иқтидори бузург дорад. Аъзошавии Покистон ба СҲШ бо амалишавии лоиҳаи Долони иқтисодии Хитой ва Покистон (CPEC), инчунин барномаи бузурги Ҳукумати Хитой зери унвони «Як камарбанд- як роҳ» рост омад. Амалишавии лоиҳаҳои мазкур ба тамоми минтақаи СҲШ, аз ҷумла Тоҷикистону Покистон манфиати калон меорад. Мавқеи муҳими геостратегии Покистон имконият медиҳад, ки пуле миёни АвруОсиё ва баҳри Арабу берун аз он барқарор гардад. Вобаста ба ин бандарҳои обашон гарми Покистон, алалхусус Гвадар барои кишварҳои узви СҲШ, аз ҷумла Тоҷикистон хатсайри идеалӣ, баҳри тиҷорати байниминтақавию дохили минтақавӣ ба шумор мераванд.

- Тавре зикр намудед, терроризму экстремизм яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи байналмилалӣ дар асри XXI мебошад. Покистон, ки аз ин хатарҳо зарари зиёд дидааст, барои рафъи онҳо чӣ тадбирҳо меандешад?

- Покистон аз соли 2001 дар хатти пеши муборизаи ҷаҳонӣ ба терроризм қарор дорад. Тамоми ҷаҳон медонад, ки мо дар ин ҷанги тӯлонӣ ва мушкил талафоти зиёди молию ҷонӣ дидем. Террористон ҳатто ба кӯдакони мактабхон раҳм накарданд. Дар натиҷаи амалиёти дурударози бисёрсола ба низомиён ва афроди ватандӯсти Покистон муяссар гардид, ки ҳазорон нафар террористонро маҳв ва лонаҳояшонро нобуд созанд.

Аммо ин ба кишвари мо бисёр гарон афтид. Аз соли 2001 қариб 75000 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандони мулкӣ дар ин роҳ қурбон шуданд. Талафоти хазинаи давлат дар ин самт ба 123 миллиард доллар мерасад.


- Дар ин чанд соле, ки дар Тоҷикистон будед, аз кишвару мардуми мо чӣ хотироте дар зеҳнатон бокӣ монд?


- Агар ба ин савол бо як калима ҷавоб гуфтан лозим ояд, пас гуфтаниям, ки таассуротам «олӣ» аст. Дар тӯли фаъолияти дипломатиам ман аз будубош дар ягон кишвари дигар ба андозаи Тоҷикистон чунин қаноатманд набудам.

Мардуми тоҷик бо меҳмондӯстиаш дар ҷаҳон машҳур аст ва ба ин ягон шубҳа нест. Ман худам аз рӯзе, ки ба ин кишвари зебо омадам, самимияти тоҷиконро эҳсос кардам. Тоҷикон хеле инсондӯстанду ҳамеша барои кумак расонидан омодаанд. Халқи тоҷик ҳунарманду меҳнатдӯст буда, имкон доранд, ки мамлакати худро ба як кишвари пешрафта табдил диҳанд.

Мусоҳиб
С. АМИНИЁН

БА ТАВАҚҶУҲИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЮСУФ РАҲМОН АҲМАДЗОД





МАСТ набудам, МАСТАМ карданд...

ё бозгашт ба замони амирӣ

... Вазъи саломатиам он қадар хуб набуд ва ба ҳамин хотир мошинро оҳиста мерондам, баногоҳ дар назди чорроҳаи Шуъбаи маорифи ноҳияи Рӯдакӣ мошини хизматии кормандони милитсия садди роҳам гардид ва чанд милиса аз мошин поён шуда,наздик омаданд ва ҳуҷҷатҳои ронандагиамро талаб карданд.


Ҳуҷҷатҳои худро додам аммо онҳо бо зӯрӣ маро аз мошин фаровардан. Дар натиҷаи кашмакашҳо чанд ҷои баданам захм бардошт. Милисаҳо, ки чор нафар шуда буданд, бо алфози қабеҳ маро дашном медоданд, вале сабабашро намегуфтанд. Ниҳоят кормандони милиса Бобохоҷаев ва Умаров бо таҳқир мегуфтанд,ки “ту маст ҳастӣ...” Ҳайрон шудам, ки ин гапро онҳо аз куҷо бофта баровардан. Ҳарчанд мегуфтам, ки ман бемории қанд дорам ва ҳаргиз нӯшокии спиртӣ истеъмол намекунам, аммо фоида надошт ва онҳо бо суханҳои қабеҳ, новобаста ба он ки ман зан ҳастам, дашному ҳақорати худро идома додан гирифтанд. Ба онҳо гуфтам, ки ҳоло қанди ман баланд шудааст ва ман бояд “инсулин” гирам, онҳо гӯш намекарданд ва талаб мекарданд, ки иқрор шавам, ки маст ҳастам. Баъд аз ин мошини маро ба ШКД ноҳияи Рӯдакӣ бурда, маҳкам карданд. Минбаъд онҳо маро барои санҷиш ба Шуъбаи наркологии Душанбе оварданду санҷиш гузарониданд. Маълум шуд,ки ман ягон хел нӯшокии спиртӣ истеъмол накардаам. Милисаҳо бо духтурон моҷаро бардоштанд,ки “шумо ӯро нодуруст санҷидед”. Вақте ки бори дуюм ҳам ҳушёр будани ман исбот шуд, ин “ходимони тартибот” маро ба ШКД ноҳияи Рӯдакӣ оварданд ва Умаров мошини маро то кӯчаи марказии ноҳия оваруд гуфт “акнун ту як ташкилӣ мекунӣ...” Тасаввур кунед, баъди ин қадар таҳқиру зӯроварӣ боз талаби зиёфат кардан ба кадом ақл меғунҷад? Дар давоми ин кашмакашҳо, ки аз соати 6 бегоҳ 9-10 шаб идома дошт, фишори хунам ба 170 ва қандам хеле баланд шуд ва бахтам баландӣ кард,ки дар ин муддат намурдам. Рӯзи дигар бо аризаи шикоятӣ дар ин бора ба Прокуратураи ноҳияи Рӯдакӣ мурочиат намудам. Аммо танҳо 12 ноябр аз ин сохтор ҷавоб гирифтам,ки дар кирдори милисаҳо аломати ҷиноят набудааст аз оғози парвандаи ҷиноятӣ худдорӣ кардаанд. Ана инро “адолат” мегӯянд! Магар як занро шабона бо гуноҳе, ки накардааст, гунаҳгор намуда, ба саломатии ӯ зарар расонанд (дар ин бора санади ташхиси тиббӣ ҳаст) ва боз ба болои он таҳқир кунанд, “таркиби ҷиноят” нест? Магар тибқи санади ташхиси тиббӣ-судӣ (аз 6.08.18 таҳти № 5003) латукӯб кардани як зани бегуноҳ аз ҷониби чанд марди ҳузарб ҷиноят нест? Агар чунин аст, пас бигӯед, ки “занҳо аз хона берун наравад, кор накунанд, сари чанбараки мошин нашинанд” ва мо бо чунин амали худ ба асрҳои миёна бармегардем ва милисаҳоямон миршабҳои даврони амирӣ ҳастанд. Чун дар ин бора ба прокурори генералӣ навиштам, онҳо номаро боз ба Прокуратураи ноҳияи Рӯдакӣ фиристоданд. Яъне, ба нафароне,ки кирдори ин милисаҳоро “таркиби ҷиноят надорад” гуфтанд. Магар ин масали тоҷикии “Кӣ туро зад? Модарам. Ба назди кӣ меравӣ? Ба назди модарам”-ро ба ёд намеорад?

Гулчирой АМИНҚУЛОВА,
сокини ноҳияи Синои
шаҳри Душанбе

ҶУРҒОТУ КЕФИР

Хуҷанд пешу Бохтар қафо.Чаро?

Дар мағозаву дӯконҳои шаҳрҳо ва маркази ноҳияҳо маҳсулоти ширӣ хеле фаровон аст. Аз ҷумла, маҳсулоти ширии «Фабрикаи шири Саодат» беш аз 30 номгӯйро дар бар мегирад: қаймоқу сметана, кефиру ҷурғот, творогу чака, йогурту дӯғи тоҷикӣ ва ғайра.



Маҳсулоти «Комбинати шири Душанбе» нисбати «Фабрикаи шири Саодат» собиқаи бештар дошта, нахустин корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аст. Дар баробари дастовардҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти ҳар ду корхона аз баъзе камбудиҳо орӣ нестанд. Хусусан, дар фасли гармои тобистон баъзе сифатҳои худро гум мекунанд (таъму мазааш, таркибаш об чудо мекунад). Аз ин рӯ, чунин маҳсулот бояд мутобиқи ҳар фасли сол омода шаванд. Дар тобистон бештар маҳсулоти ташнашикану камравған, ба монанди дӯғи тоҷикиву чакаю ҷурғот зиёдтар ба фурӯш меравад.Ташхисҳои лабораторӣ чунин нишон медиҳанд: тозаи тӯршак, бидуни маза ва бӯи бегона, ҳаҷм (массаи) он якхела, бе тагу рӯи тағйирёфта. Бояд тазаккур кард, ки баъзе маҳсулоти ширӣ, ба мисли чакаи килогии корхона аз ҷиҳати сифату таъм ҷавобгӯи талабот набуда, аз чакаи бозор фарқ мекунад, вале бо нарху навояш ба бозор наздик аст (11-12) сомонӣ.Бештари маҳсулоти ширӣ танҳо дар лабораторияи корхона аз ташхис гузаронда шуда, ба «Тоҷикстандарт» дастрас нест. Вале ба тамоми маҳсулоти ширӣ сертификати сифат дода мешавад. Чунин амалкардҳо дар аксари молу маҳсулоти ба ҷумҳурӣ вориднашаванда ба чашм мерасад. Дар натиҷа, маҳсулоти пастсифату ба талабот ҷавобгӯ набуда вориди бозорҳои дохилӣ мегарданд. Агар назарсанҷона рафтор кунем, дар маҳсулоти тайёри ширӣ равғаннокию ғизонокӣ бо 0,5% ё 1% навишта шуда бошад, дар ташхиси лабораторияи «Тоҷикстандарт» 2% ё 2,5% нишон дода мешавад. Чунин амал ба шубҳанок будани маълумотҳои агентӣ боис мешавад.Дигар ин ки риоя нагардидани технологияи ягона дар корхонаҳои шири ҷумҳурӣ (кефиру ҷурғот, қаймоқу сметана) дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар таъму мазаи гуногун доранд.Равғаннокию ғизонокӣ дар яке бештару дар дигараш камтаранд. Аз рӯи мушоҳидаҳо чунин ба чашм мерасад, ки шири дар Хуҷанд истеҳсолшаванда аз ҷиҳати сифату таъм афзалиятро дорост.

Э. КАМОЛЗОДА,
сокини шаҳри Душанбе

ТАВАҶҶУҲ!
СОМОНАИ ҲАФТАНОМА.
Набзи Ватан дар дасти туст.
www.tajikistantimes.tj

Хонандаи азиз! Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» минбаъд низ робитаашро бо хонандагон ба роҳ монда, доир ба мушкилоти мавҷуда мавод омода карда, ба нашр хоҳад расонд.

Мушкилоте дорӣ, аммо намедонӣ ба куҷо мурочиат намоӣ?

Ба роҳбарони сохторҳои давлатӣ мурочиат кардӣ, аммо посухи рад гирифтӣ?

МУШКИЛОТ ДОРӢ? НАВИС!
tojikiston@pressa.tj
238-54-51

ПАС, БА ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» НАВИС!

Нақлиёти БАРҚӢ

чаро дар Тоҷикистон барои он роҳ намекушоем?

Ҳар рӯз сайёраи мо ба «ҳамла»- и шадиди газҳои парникии аз автомобилҳо хориҷшаванда дучор мешавад. Шумораи нақлиёти автомобилӣ дар ҷаҳон як миллиард ададро ташкил медиҳад. Танҳо дар ҷумҳурии мо теъдоди нақлиёти автомобилӣ қариб ба 450000 адад мерасад.



Намунаи мошини барқии "SPARK", ки дар Тошкант рӯнамоӣ шуд

Тақрибан 70-80 фоизи ихроҷи газҳои заҳарнок дар мамлакат ба нақлиёт рост меояд. Ҳаҷми партоби газҳои заҳарноки аз нақлиёти кишвар хориҷшаванда соле ба 340- 350 ҳазор тонна баробар аст, ки ин нисбат ба 10 соли пешин ду маротиба зиёд мебошад. Ба гуфтаи номзади илмҳои тиб Саидҷон Нодирӣ, зиёдшавии газҳои парникии аз автомобил ихроҷшаванда дар баробари боиси гармшавии иқлим гардидан, инчунин метавонанд сабабгори авҷгирии бемориҳои роҳи нафас ва саратон гарданд. Дар ҳавои газнокиаш баланд бронхит, сулфаи шадид, дарди гулӯ, обравии бинӣ, сардард, дилбеҳузурӣ зиёд мушоҳида мешавад.

Дар бисёр кишварҳо бо мақсади кам кардани ихроҷи газҳои парникӣ ба ҷои автомобил мошини сабукрави барқӣ (электромобил)- ро истифода бурда истодаанд. Ин мошинҳо бе сӯзишворӣ ҳаракат карда, аз неруи барқи аккумуляторҳо қувват мегиранд.

Соли 2018 дар ҷаҳон 1 миллион электромобил ба фурӯш рафт. Агар ба ин рақам мошинҳои гибридӣ (бо сӯзишворӣ ва неруи барқ ҳаракаткунанда) - ро ҳамроҳ намоем, 2 миллиону 18 ҳазор адад мешавад. Дар Хитой ҳанӯз соли 2017 шумораи нақлиёти барқӣ аз 1 миллион адад гузашта буд. Ин рақам дар ИМА соли 2025 ба 3,5 миллион адад хоҳад расид. Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон тасмим гирифтааст, ки то соли 2020 шумораи электромобилҳояшро ба 1 миллион адад расонад. Мувофиқи маълумоти Агентии байналмилалии энергетика, миёни кишварҳои аз ҳама зиёд электромобилдошта (мутаносибан ба нақлиёт) Норвегия ҷои якумро мегирад. Зиёда аз 60 фоизи фурӯши солонаи мошинҳо дар Норвегия ба электромобилҳо рост меояд. Дар зиёда аз 50 шаҳри Германия истифодабарии мошинҳои дизелӣ манъ аст. Ҳукумати Хитой барои рушди нақлиёти «сабз» 330 миллиард доллар ҷудо намудааст. Бо ин маблағ корхонаҳои истеҳсоли электромобил, аккумуляторбарорӣ ва нуқтаҳои зарядпуркунӣ сохта мешавад. Амалишавии ин лоиҳаи бузург шаҳрҳои Хитойро аз «нафасгир» шудан наҷот хоҳад дод. Раиси Шӯрои директорони Ширкати мошинбарории DYD- и Хитой Ван Чуан Фу ба журналистон изҳор доштааст, ки то соли 2030 тамоми воситаҳои нақлиёти Хитой барқӣ ва ё гибридӣ хоҳанд шуд. Ҳоло дар ҷаҳон теъдоди умумии электромобилҳо аз 3 миллион адад гузаштааст.

Бисёр кишварҳо бо мақсади кам шудани арзиши аслии нақлиёти барқӣ ба истифодабарандагони электромобил ҳар гуна имтиёзҳо медиҳанд. Масалан, дар Норвегия соҳибони электромобилро аз андози роҳ озод мекунанд, барои онҳо ҷои мошингузории бепул ва зарядпуркунии ройгон пешниҳод мешавад. Бартарии электромобил нисбат ба нақлиёти бензинхӯру соляркахӯр дар он аст, ки нигоҳубинаш арзон меафтад.

Фарз кардем, агар ба автомобил дар масофаи 100 километр барои бензин 50 сомонӣ сарф шавад, бо электромобил барои барқ ҳамагӣ 5 сомонӣ сарф мешавад. Арзонии истифодабарӣ ва зарар надоштани электромобил ба муҳити зист теъдоди ҷонибдорони электромобилро дар ҷаҳон зиёд намуда истодааст. Бузургтарин ширкати нефти ҷаҳон - Exxon Mobil пешгӯӣ кардааст, ки то соли 2040 теъдоди электромобил дар ҷаҳон ба 100 миллион адад мерасад. Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) бошад, ин рақамро 266 миллион адад пешгӯӣ мекунад. Қариб 95 фоизи фурӯши электромобилҳо ба 10 кишвар – Хитой, ИМА, Япония, Канада, Норвегия, Британияи Кабир, Фаронса, Германия, Нидерландия ва Шветсия рост меояд. Серфурӯштарин ширкатҳои электромобилбарорӣ «Tesla Model», «BAIC EC - Sevies», «Nissan LEAF» ва «BMW» ба шумор мераванд. Тақрибан 49 фоизи электромобилҳои мавҷуда дар Хитой, 16 фоиз дар ИМА, 12 фоиз дар Германия ва 23 фоиз дар дигар кишварҳо истеҳсол шудаанд.

Қатар низ эълон намуд, ки истеҳсоли электромобилро ба роҳ мемонад. Бо ин мақсад ҳукумати Қатар 9 миллиард доллар ҷудо карданист. Нахустин электромобили қатарӣ то оғози Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол (соли 2022) истеҳсол хоҳад шуд.

Дар кишварҳои собиқ шӯравӣ Украина дар истифодаи электробус (автобуси барқӣ) ва электромобил пешсаф аст. Зеро ин ҷумҳурӣ низ мисли кишвари мо сӯзишвориро аз хориҷа ворид мекунад. Бо мақсади оммавӣ гардонидани электромобил Ҳукумати Эстония 500 адад электромобил харида, ба вазорату кумитаҳо ба ҳайси мошини хидматӣ тақсим кардааст. Дар Гурҷистон бошад, тасмим гирифтаанд, ки давоми 10 соли оянда 90 фоизи парки нақлиётиашонро барқӣ намоянд. Бо Қарори Ҳукумати Қирғизистон барои ворид кардани электромобил то 31 декабри соли равон боҷи гумрукӣ ситонида намешавад. Дар Федератсияи Россия шумораи электромобилҳо акнун аз 3000 адад гузаштааст.

Tajikistantimes.com

Гузаштан ба нақлиёти барқӣ аз лиҳози сиёсӣ низ барои мо муҳим буда, кишварамонро аз вобастагӣ ба мамолики нефту газдор раҳо месозад.

Ширкати «Узавтосаноат» бошад, дар якҷоягӣ бо олимони Донишгоҳи политехникии Ӯзбекистон масъалаи истеҳсоли электромобил дар кишвари ҳамсояро баррасӣ карда истодааст. Мутахассисони Ӯзбекистон ҳисоб кардаанд, ки хароҷоти истифодабарии электромобил нисбат ба автомобил 8 маротиба камтар аст. Ба қавли сарвари «Узавтосаноат» Умедҷон Салимов, ширкати мазкур танҳо ба электромобил қаноат накарда, истеҳсоли электровелосипед, электромопед ва электробусро низ ба роҳ хоҳад монд.

Мутаассифона, дар ҷумҳурии мо бо вуҷуди барқи фаровону аз лиҳози экологӣ тоза ва арзон доштан ба ҷуз тролейбус ҳанӯз нақлиёти барқӣ чандон маъмул нест. Модоме ки давлатҳои неруи барқашон нисбат ба мо қиматтар аз истифодаи электромобил бурд карда истодаанд, мо аз истифодаи нақлиёти барқӣ бо чанд далел бурд хоҳем кард:

Якум, вазъи экологии шаҳрҳои ҷумҳурӣ беҳ хоҳад шуд. Имрӯз агар аз самти ноҳияи Ёвон, ағбаи Фахробод ва шаҳри Ҳисор ба пойтахт бидёед, фазои онро пурдуд ва ғуборолуд мебинед. Зеро теъдоди нақлиёт сол то сол дар пойтахт афзуда истодаасту ҳар кадоми он дуду ғубори захролуд ихроҷ мекунад. Иваз намудани нақлиёти мавҷуда ба нақлиёти барқӣ ин мушкилиро рафъ месозад. Нақлиёти дар истифодабудаи мо, бинобар арзон буданаш, дар Афғонистон харидорони зиёд дорад.

Дуюм, ривоҷу равнақ додани нақлиёти барқӣ аз ҷумҳурӣ ба берун рафтани маблағи зиёд барои сӯзишвориро кам мекунад. Ҳар сол аз мамлакат бо ин мақсад қариб 500 миллион доллар берун меравад.

Сеюм, дар ҷумҳурӣ фаслҳои баҳору тобистон бинобар серобӣ, имкони зиёди аз меъёри муқаррарӣ бештар истеҳсол намудани неруи барқ мавҷуд аст. Аммо бо сабаби ҳанӯз пайваст набудани хатҳои баландшиддати неруи барқ (CASA - 1000) имкони ба хориҷа бо ҳаҷми бештар интиқол додани неруи барқ мавҷуд нест.

Агар бо ташаббуси ШСХК «Барқи Тоҷик» дар шаҳру маркази ноҳияҳо нуқтаҳои зарядпуркунии электромобилҳо сохта, ситонидани ҳаққи хизматрасонӣ дуруст ба роҳ монда шавад, як қисми барқи изофӣ дар дохили мамлакат харидор пайдо хоҳад кард.

Чорум, гузаштан ба нақлиёти барқӣ аз лиҳози сиёсӣ низ барои мо муҳим буда, кишварамонро аз вобастагӣ ба мамолики нефту газдор раҳо месозад. Имрӯз мо ҳангоми аз ҷониби кишварҳои содиркунанда бардоштани нархи газу бензин ҳеҷ чора андешида наметавонем, зеро ҷилави нарх дар дасти онҳост. Вақте ки аксари нақлиёти кишварамон ба барқ гузашт, мо аз ин вобастагӣ халос мешавем.

Агар ба нақлиёти барқӣ роҳ накушоем, кишварҳои ҳамсоя соҳиби чунин нақлиёти замонавӣ мешаванду мо бо газу дуди автомобил ҳамдигарро захролуд сохта, кишварҳои нефтфурӯшро бой кардан мегирем.

Бо мақсади пешгирии чунин ҳолат хуб мешуд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ мисли Қирғизистон воридкунии нақлиёти барқиро аз боҷи гумрукӣ озод мекард. Дар нигоҳи аввал аз ин ҳисоб буҷаи мамлакат аз воридшавии як миқдор маблағ маҳрум мешавад, вале баъдан бинобар истифодабарӣ аз неруи барқи ватанӣ ва пешгирии берунравии асъор барои сӯзишворӣ ин маблағ даҳчанд ба буҷети мамлакат бармегардад.

Сайфиддин СУННАТӢ,
журналист

БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ХОРУҒ КИШВАР ШАМИРОВ

ХОРУҒ

барнома ҳасту амал нест

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ донорҳои хориҷӣ аксари грантҳои худро ба ҷумҳурӣ равона карданд, ба умеди он ки бо роҳандозӣ ва амалӣ кардани барномаҳои пойдор сатҳи зиндагии мардум рӯ ба бехбудӣ ниҳад.

Бо таассуф қайд менамоям, ки сокинон баъди амалисозии барномаҳо саҳлангорӣ нишон дода, аксари барномаҳо дар охир фалаҷ шуданд. Яке аз ин барномаҳо " Эҷоди ҷевонҳои китобхои ройгон" дар шаҳри Хоруғ аст.

Як рӯз дар истгоҳи дармонгоҳи шаҳри Хоруғ сайёҳе ба тарафи ҷевоне ишора карда, бо забони шикастаи русӣ аз ман пурсид:

- Бубахшед, дар болои дари ин ҷевонҳо лавҳае бо забони англисӣ " Free book" навишта шудааст. Чаро дар дохили ҷевон китоби ройгон намондаанд?

Бо сайёҳ ба назди ҷевони китоб омадам. Дар дохили ҷевон аз китоб нишоне намебинам, вале дар чор тарафи китобдон, бо истисно аз навиштаҷоти англисӣ дар лавҳае матнро бо се забони дигар, яъне "Китобҳои ройгон" - и тоҷикӣ, "Бесплатные книги"- и русӣ ва " Бепул китобен"- и шуғнонӣ пайдо мекунам. Навиштаҷоти дигаре бо забони шуғнонӣ дар як тарафи ҷевон бо ширеш часпонда шудааст: " Илтимос, дев китобен хойет ху, во вет ар дев ҷой" (Хоҳишмандем, баъди мутоила, китобро бозпас дар ҷевон бимонед). Дар назди розеткаи барқӣ барои неру бахшидани телефонҳои мобилӣ навиштаҷотеро мехонам. "Саҳмгузорони барнома: идораи Помир Энерҷӣ, ташкилоти ғайридавлатии "Умедвор". Хушҳолона бо худ мегӯям: "хайрият, агар ҷевон бе китоб бошад ҳам, аз розеткаи барқӣ шояд корафтодае истифода кунад". Забон хоида, ба сайёҳ мегӯям: - Ман ҳам намедонам, чаро ҷевон бе китоб аст? - Шояд шахсони масъули барнома мушкилоти молӣ доранд, вагарна ҷевон набояд тиҳӣ аз китоб бошад. Сайёҳ ба ман рӯ оварда, содалавҳона гуфт: - Дар тамоми мамолики дунё дар даромадгоҳи ҳар китобхонаҳои шаҳрӣ ҷевонҳои пур аз китоб ҳастанд. Шаҳриён ҷевонҳоро бе китоб наменомонанд, зеро онҳо китобро беш аз андоза мехаранд. Дар сурати ниёз надоштан ба китоби хондашуда молики китоб онро ба китобхона мебарад, то ашхоси дигар аз китоб истифода кунад. Ин барномаи ҷаҳонӣ дар мамолики пешрафта бо номи "Book crossing" ё худ "Гардиши китоб" маъруф аст. Бо сайёҳ хайрухуш карда, ба идораи " Умедвор" меравам. Он чизеро, ки аз кормандони идора **Артур Фозилов** ва **Ҳофиз Завқибеков** шунидам, фикру андешаамро дар робита ба пиёда кардани барнома дигаргуна сохт. Дар робита ба оғози барнома Ҳофиз чунин гуфт: " То насб кардани ҷевонҳои китоб кормандони идораи мо дар амалӣ сохтани барномаи "Китобхонаи сайёр" масруф буданд. Дар хазинаи барномаи мутазаккира мо 5000 адад китобҳои нодир бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва инглисӣ дорем. Ин барнома дар тамоми маҳаллаҳои шаҳр бо шогирдони мактабхон кор мекунад. Соли 2017 бо кумаки сармоядорони маҳаллӣ ва идораи бонуфузи «Помир Энерҷӣ» кормандон ва ризокорон дар ҳашт маҳаллаи шаҳр даҳ адад ҷевонро насб карданд. Баъди насб кардани ҷевони китоб дар дохили шифохонаи вилоятӣ мо аз тамоми кормандони ҳифзулсиҳат дуои неку таҳсину офарин шунидем. Маризон



Tajikistantimes.com

Баъзе сокинони шаҳр аз ризокорон тақозо доранд, то дар ҷевонҳои холӣ гулҳои хонагии ройгон ва ё сарулибоси кӯдакона барои атфоли ниёзманд монда шаванд...

бо шавқу завқ аз ҷевон китоб гирифта, дар курсиҳои гулбоғ онро мутоила мекарданд. Дастрас кардани китоб барои мо ниҳоят мушкил буд. Соли равон бо кумаки молии «Помир Энерҷӣ» аз хонаводаи **Эмма Сабзалиева** ба идораи мо ба теъдоди беш аз ҳазор адад китоб бо забони англисӣ интиқол ёфт. Ин бонуи сарватманди инглис бо ҳамсари тоҷикаш барои баланд бурдани савияи дониши шогирдони бадахшонӣ китобҳои пуразиши инглисиро аз Лондон ба Хоруғ фиристоданд. Саҳми китобдӯстони дигари вилоят дар ғанӣ сохтани ҷевонҳо аз китоб бениҳоят зиёд аст. Сокини шаҳри Хоруғ **Любов Шукрикова** барои амалӣ кардани барнома ба мо беш аз 500 адад китобро туҳфа карданд.

Артур Фозилов мушкили асосиро дар камбудии фарҳанги китобхонӣ мебинад. - Аз ҷевонҳои китоби мо ҳар гуна ашхос китоб мегирад. Яке нисбат ба китоб меҳр дорад, дигаре ҳатто китоби бачагонаи " Се хоҳаракон" - ро нахондаст, савумӣ китобро барои атфоли хеш мебарад. Ризокорон беш аз 2240 адад китобро дар ҷевонҳои китоб монданд, вале аксари онхо бозпас дар ҷевонҳо гузошта нашуданд. Мо барномаро ба сокинони маҳалла шарҳ додем. Айни замон, масъулияти асосӣ бар дӯши раисон ва ризокорони маҳалла аст. Масъулияти феълии кормандони идораи мо назорат аз барнома ва ҷалбу ҷазби бештари сармоядорони дохилӣ ва хориҷӣ аст.

Корманди собиқи идораи "Умедвор" **Зоҳир Шомусалламов** дар робита ба мушкилоти ҷойдошта чунин ибрози назар кард: - Айни замон ман тиҷорати хусусӣ дорам, вале бо кормандони "Умедвор" тамоси доимӣ дорам. Дар аввал мо тибқи нақшаи кории барномаи "Китобхонаи сайёр", барои таблиғи шогирдон ба китобхонӣ китобҳои ройгонро маҳалла ба маҳалла ва кӯча ба кӯча бурда, ба китобдӯстон ройгон тақдим мекардем. Ҳамчунин, бо даъвати мо олимон ва аҳли шеъру адаб ба ҷамъомадагон дар хусуси китобу китобхонӣ вазъ мехонданд. Барномаи " Китобҳои ройгон" як барномаи озмоишӣ ва ё худ тачрибавӣ аст. Ин гуна барномаҳо баъди дахсолахо рӯ ба самар мениҳанд. Агар китобдӯсте аз чевон китоб гирифта, онро муназзам мутоила намояд, ин як некбахтии ҷомеаи мост. Бадбахтӣ дар он аст, ки баъзе нафарони ҷоҳил китобро барои гармии бухории хона истифода мекунанд. Ризокорон китобҳоро дар чевон мегузоранд, вале пас аз ду-се рӯз ҷевонхо боз бе китоб мемонданд. Аксари китобхонҳо китобро бозпас намеоранд. Рӯзе ризокорони мо ҳодисаи ғайричашмдоштро наззора карданд. Бонуи хушлибосе аз китобдон чор-панҷ китоб гирифта, ҷониби бозор меравад. Дар бозор он зан китобро дарронда, аз вараҳи китоб қарнайча месозад. Сипас, бо қошуқча дар дохили коғаз нос пур карда, ба мизоҷони носворӣ мефурӯшад. Ризокорон ва кормандони "Умедвор" тасмим бар он доранд, ки дар ҷашни Наврӯзи оламафрӯз ҷевонҳоро тоза карда, онҳоро пур аз китоб кунанд. Ҳадафи асосии кормандон талқини китобхонӣ аст. Ҳангоме ки шахси китобдӯст китоби даркорӣ ва ройгонро дар рафи китобдон мебинад, беандоза хушҳол мешавад. Бо ин васила дар дӯконҳои китобфурӯшӣ ва китобхонаҳо ҳодисаи китобдуздӣ коҳиш меёбад. Албатта, холӣ будани китобдонҳо хуб нест. Агар тоҷире дӯкони мевафурӯширо ба иҷора бигирад, вале аз мева дар дӯкон чизе набошад, он хандаовар аст. Баъзе сокинони шаҳр аз ризокорон тақозо доранд, то дар ҷевонҳои холӣ гулҳои хонагии ройгон ва ё сарулибоси кӯдакона барои атфоли ниёзманд монда шаванд, вале ин чизҳо дур аз матлаб ва ҳадафҳои барномаи "Китоби ройгон" ҳастанд. Ба ҳар ҳол, мо чизи аз дастамон меомадагиро анҷом медиҳем, - бо қатъият гуфт Зоҳир.

Довудшоҳи СУЛАЙМОНШОҲ,
нависанда

АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

Сергей Брин

Сергей Михайлович Брин – соҳибкор, олими соҳаи техникаи ҳисоббарорӣ, иқтисодчӣ ва миллионери шинохта мебошад.



Вай 21-уми августи соли 1973 дар шаҳри Москва дар оилаи яҳудиёни шӯравӣ ба дунё омадааст. Падару модараш кормандони институтҳои илмӣ мебошанд. Тибқи ахбори маҷаллаи Forbes дороии Брин дар соли 2018 47,6 миллиард доллярро ташкил дода, 13-ум одами сарватмандтарини сайёра ба ҳисоб меравад. Вай дар якҷоягӣ бо Лэрри Пейҷ сиетмаи ҷустуҷӯии интернетии Google-ро таъсис додааст. Айни замон дар шаҳри Лос- Алтоси штати Калифорнияи ИМА зиндагӣ мекунад.

Вақте 5 - сола буд, оилаи онҳо аз Москва барои зисти доимӣ ба ИМА кӯч мебандад.

- Замоне ки мо аз СССР ба ИМА омадем, ин ду давлат ба ҳам рақобати шадид доштанд. Моро ин кишвар ҳамчун гуреза ба оғӯши худ гирифт. Ман медонам, ки падару модарам чӣ қадар душвориҳоро паси сар намуданд. Аз онҳо сидқан миннатдорам, ки маро ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка оварданд, - мегӯяд Сергей.

Вай хатмкардаи донишгоҳи Мэриленд буда, соҳиби стипендияи Хазинаи миллии илмии ИМА гардида буд. Кори илмии худро бештар ба самти технологияи ҷамъи иттилоот равона намуда буд. Соли 1993 бошад, ба донишгоҳи Стенфорд дохил шуда, риштаи магистириро гирифт ва рисолаи илмии худро дифоъ намуд. Соли 1995 бо Лэрри Пейҷ, ки ӯ низ аспиранти риштаи математика буд, шиносоӣ пайдо кард. Онҳо дар якҷоягӣ соли 1998 ширкати Google-ро асос гузоштанд.

Соли 2007 ба Энн Воҷитски хонадор шуд. Ҳамсараш хатмкардаи риштаи биологияи донишгоҳи Йел ва асосгузори ширкати 23andMe мебошад. Онҳо соҳиби ду нафар фарзанд шуданд, вале соли 2015 расман никоҳи худро бекор намуданд.

Омодасоз
Насрулло ТӮЙЧИЗОДА

«ВИП» - САДАМА

сабабгори марги ду ҷавону тақдиршикани ду ҷавони дигар

...Мошин бо суръати ниҳоят баланд аз кӯчаи марказии шаҳр ҳаракат мекард. Тавре шоҳидон мегӯянд, ҳатто дар шоҳроҳ (трасса) бо чунин суръат ҳаракат намекунанд.



Аммо ин роҳ барои ду нафар сарнишинони “Лексус 450” роҳи охирин буд ва пас аз сонияе ду ҷавонмарди 19 -сола Саидов Саидҷаъфар Бахтиёрович ва Саҳобиддинзода Некзод Мисриддин бо зиндагӣ падруд гуфтанд ва тақдири ду нафари дигар ҳоло дар нӯги мӯй қарор дорад. Яке барои он ки чаро бо чунин суръат мошин ронду сабабгори марги ду нафар шуд ва дигаре дар бемористони “Истиқлол” табобат мегирад ва ҳоло маълум нест, ки маъюби якумра мегардад ва ё комилан сиҳат мешавад...

Аслан, ҳамаи садамаҳо нобаҳангоманд, аммо садамае, ки дар шаби сеюми ҷашнгирии Наврӯз рух дод ва он ҳам дар маркази пойтахт то андозае ҷомеаро ғофилгир кард. Ҳар касе, ки ин нохуширо шунид, афсӯси ҷони ҷавононро хӯрду рӯҳияи идона ӯро тарк кард, вале боз дар зеҳни соҳибдилон саволеро бедор кард, ки чаро чунин шуд? Ҳар кас худро ба ҷои волидони ҷавонони ҷавонмарг тасаввур кунад, он гоҳ каме ҳам бошад, дарди онҳоро мефаҳмад. Аммо дар чунин ҳолат онҳоро мазаммат кардан ҳам қобили қабул нест ва мо дидем, ки аллакай чандин нафари соҳибном пас аз чунин ҳодисаҳо ангушти надомат мегазанд, вале бефоида... Дар шабакаҳои иҷтимоӣ бисёре аз корбарон аз қурбониёни ҳодиса ба некӣ ёд карда, гуфтаанд, ки ҳодиса тасодуф буд. Бархеи дигар мегӯянд, мошин воқеан бо суръати баланд омада, ба симчӯб бархӯрдааст. Дар Тоҷикистон солона садҳо нафар дар садамаҳои нақлиётӣ ҷон медиҳанд ва ҳазорон нафари дигар захмӣ ва маъюб мешаванд. Соли 2017 дар як баромадаш Президенти кишвар аз афзоиши садамаҳои нақлиётии маргбор дар роҳҳои Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карда, гуфта буд, ки аз соли 2009 то 2016 дар кишвар беш аз даҳуним ҳазор садамаи нақлиётӣ рух додааст.Чӣ бояд кард, ки чунин ҳолатҳо камтар шаванд? Мошинронии донишҷӯён манъ шуд, аммо садама бо ширкати онҳо ҳаст, чанд маротиба ҳуҷҷати ронандагӣ ва рақамҳо иваз шуданд, аммо боз ҳам







садама. Шаҳрро бо камераҳо пур карда “бехатар” гуфтему чаримаҳои зиёде рӯёнидем, вале маргу мир аз ҳисоби ронандагони “правадор”-е, ки дар ҳолатҳои алоҳида “нохондамулло” шудаанд, бештар гардид. Албатта, ҳолатҳои “буққагарӣ” дар ҷодаҳои кишвар бештар аз ҷониби фарзандони шахсони пулдору “болонишин” дида мешавад, вале мошин парвои онро надорад,ки дар паси лаҷомаш кӣ нишастааст, фарзанди миллионери сабтиномнашуда бо “Лексус” ва ё камбизоате бо “Опел”- и асри гузашта “таваллудшуда”...Техника эҳтиётро мехоҳад, на ба қавли самарқандиҳо “каттагариро” . Барои бо он муомила кардан фарҳанги ронандагӣ лозим ва аввал бояд волидони “лексуссаворон” худашон ин фарҳангро омӯзанд. Агар мо ва он ВИП-саворагон баробар ба аз ин фарҳанг пайравӣ кунем, шумораи чунин садамаҳои фалокатбор камтар мешавад. Бовар дорам, ки дар кӯчаи марказӣ ҳаргиз ягон “опелсавор” бо чунин суръат ва дар чунин ҳолат ҳаракат нахоҳад кард ва зуд мавриди таваҷҷуҳи БДА қарор мегирифту онро ба қавле “меқапиданд”. Аммо вақте ки ба қавли шоҳидон, се “ВИП-мошин” бо “ВИП- суръат” ҳаракат мекарданд ва дар шаҳр дар ин рӯзҳои ид ҳолати барои сохторҳо омодабош эълон шуда буд, онҳо ба кучо менигаристанд? Мо ин ҷо сад дарсад ин сохторҳоро гунаҳгор карданӣ нестем, вале агар онҳо метавонистанд садди роҳи ин садама ва боз чанд “ВИП"- садамаи” қаблӣ, ки тӯли чанд соли охир бо ширкати ҷавононе,ки волидонашон “ВИП” буданд, мегардиданд, ин обрӯи эшонро боз ҳам баландтар мекард. Кори нашуданӣ шуд ва акнун ба қавли Бедил “паи таъмири ин вайрона” меъморе зарур аст,ки ҳолати корро баҳои воқеӣ диҳад ва коре кунад,ки минбаъд ягон ҷавоне аз кишвари наврӯзии мо хонаи волидони худро мотамсаро накунад...

А.АҲМАДЗОДА,
“Тоҷикистон”

P.S.

Мувофиқи маълумоти охирин, Кабир Кабиров, ронандаи “Лексус”-е, ки сабабгори садамаи марговар шуд, айни замон аз бемористон ба боздоштгоҳ интиқол ёфтааст.

Яхдони “Самсунг”, 4 қолин ва 2 ДВД, “ҳосили” дуздии Умед ва шарикаш

Ба ШВКД дар шаҳри Кӯлоб бо ариза марди 48-солаи сокини шаҳри мазкур мурочиат намудааст, ки шаби 24 ба 25-уми марти соли 2019, тахминан соати 00:30 дақиқа, шахсони номаълум бо роҳи пинҳонӣ аз хонаи истиқоматиаш 1 адад яхдони тамғаи "Самсунг”, 4 адад қолин, 2 адад "ДВД” ва молу ашёҳои рӯзгорро дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Зарари расонидашуда 17 ҳазору 200 сомониро ташкил медиҳад. Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия марди 21-солаи сокини ҷамоати деҳоти “Зарбдор”-и шаҳри Кӯлоб бо гумони дуздӣ дастгир карда шуд.

Муайян карда шуд, ки номбурда ҷинояти мазкурро бо ҳамроҳии "Умед” ном шахс содир намудааст. Барои муайян ва дастгир намудани ҷиноятқор чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ идома дорад. Далелҳои шайъӣ гирифта шуданд.

Аз рӯи ин ҳодиса тафтишот идома дорад.

200 ҳазор сомонии “Соҳибкор-2002” канӣ?

Ба ШВКД дар шаҳри Ҳисор мактуби роҳбарияти ҶДММ "Соҳибкор-2002” ворид шудааст, ки моҳи феврали соли 2019 шахсони номаълум бо роҳи пинҳонӣ аз Заводи хиштбарории ҶДММ "Соҳибкор-2002”, воқеъ дар ҷамоати деҳоти “Сомон”-и шаҳри Ҳисор як миқдор таҷҳизоти заводи мазкурро дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Зарари расонидашуда 200 000 сомониро ташкил медиҳад. Зимни доир намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия се нафар мардони 25, 28 ва 36-солаи сокинони шаҳри Ҳисор бо ҷурми дуздӣ дастгир гардида, аз рӯи ин ҳодиса тафтишот идома дорад.



НОН ҲАМ НОНУ НОНРЕЗА ҲАМ НОН

озмун барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода

МУЪҶИЗАИ САГИ БОВАФО

нон ғизои асосӣ ва нерубахши инсон аст ва...

Ва аммо, барои нон шуда баъзе инсонҳо ба чӣ корҳое даст намезананд. Дуздӣ мекунанд, ба фиребу найрангу чоплусӣ даст мезананд, аз наздиконаш рӯй мегардонанд...


Ин чизҳо ва ҳолати заъфи инсон ва беқадрию ночории ӯро аз барои як бурда нон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аксарияти мову шумо мушоҳида кардем. Дар ин бора аз дидаю шунидаҳоям чанд ҳикояти воқеиро ба хонандаи азиз пешкаш менамоям.

Саги бовафо

Дар ҳамсоягиамон як оилаи миёнаҳол зиндагӣ мекунад ва мо муносибати хуби ҳамсоягӣ дорем. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ як бурда нонро бо ҳам медидему ба қадри имкон якдигарро кумак менамудем. Ҳамон айём, як пагоҳӣ бо ҳолати маҳзун, воқеаи шаб аз сар гузаронидаашро нақл кард. Ӯ гуфт, ки дирӯз аз субҳ то шом дар шаҳр (Душанбе) гашта, нон пайдо накардам. Бегоҳ хастаю бемадор ба хона баргаштам. Фаҳмидам, ки шумо низ дар ҳамин аҳволед. Дар чунин лаҳзаҳо саге, ки аз хурдӣ калон карда будему ҳамеша дар ҳавлиамон қарор дорад, ба наздам омада, бо чашмони имдодталабона сӯям нигоҳ кард. Аз даҳонаш об ҷорӣ гашта, маълум буд, ки вай низ рӯзи дароз чизе нахӯрдааст. Ман, ки хастаю асабӣ будам, бо овози баланд ва ишораи дастонам ба сӯи саг дод задам:

- Охир худамон нони хӯрдан надорем, ба ту чӣ диҳем?

Аз ин суханонам саг ба қафо баргашту аз назарам ғоиб шуд. Аҳли оила бо шиками холӣ шабро рӯз кардем ва ҳанӯз субҳ надамида, овози саг ва хишир-хишири дари хона баромад. Дарро кушода, ҷонвари бовафоро дидам, ки бо чашмони шуълабор аввал ба ман ва сипас ба даҳлез нигоҳ мекунад. Он ҷо тахминан 2-3 кило орд дар як халтачаи селофанӣ гузошта шуда буд...



Духтари меҳрубони падар

Чанд рӯз аст, ки аҳли оилаамон ба серӣ нон намехӯранд. Вазъият бисёр муташанниҷ. Ба болои камчинии нону орд, пул ҳам надоштем, ки ба шаҳр бароям. Чанд моҳ аст, ки маош нагирифтаем. Рӯзи истироҳатии якшанбе буд. Дар сар хаёлҳои гуногун ба ин тарафу он тарафи ҳавлӣ қадам мезадам, ки баногоҳ садои духтарчаи чорсолаам аз кӯча баланд шуд:

-Ота...отаҷон...

Тарсида зуд ба берун баромадам, бинам духтарчаам бо мӯйҳои паҳну парешон, чеҳраш суп-сурхи арақшор давида меояд ва як дасташро баланд карда, садо баланд мекунад:

-О..о..таа...Ота...ҷон..Ма..ма...

Ба истиқболаш шитофта, ӯро ба оғӯш гирифтам:

-Ба ту чӣ шуд, духтарчон,- гуфта, мӯйҳои парешонашро сила кардам, вале мушоҳида намудам чеҳрааш, бо вуҷуди суп-сурху каме харошидагӣ, болида буд.

-Отаҷон, маҳ инро гир, ман пул овардам, рафта нон биёр, гӯён панҷаи хурдакакашро кушода, коғази як рубларо сӯям дароз кард. Вақте каме ҳаяҷонаш паст шуд, ба пурсишам ҷавоб дод, ки «Хонаи амаки Шариф гаҳворабандон буд, пул чошиданд, ман ҳам як сӯм чиндам».

Мӯъҷиза

Он солҳо назди корхонаҳои нонпазии пойтахт серодам буд. Одамон рӯзи дароз ба умеди дастрас кардани нон назди корхона ва гирду атрофи он мегаштанд. Баъзеҳо ба ин ё он восита ва ё аз паси корхона девори баланди онро ҷаҳида, даромада нон мегирифтанд.

Ман ҳам якчанд маротиба бо ин издиҳом будам ва гоҳе бахти ман ҳам (ба шарофати шиносҳо) механдид ва бо як ё ду дона хлеб ё булка ба хона меомадам. Дар ин рӯзҳо дар хонаамон гӯё ид буд.

Аммо ин дафъа рӯзи шанбе, аз субҳ то шом гашта, натавонистам нон пайдо кунам. Вақте ба хона баргаштам, ҳамсар ва фарзандонам бо суоли ҳаррӯза маро пешвоз гирифтанд:

- Нон овардед?

Ҷавоби радро шунида, хомӯш, бо сари хам вориди айвон шуданд. Шом фаро мерасид. Ба духтарчаҳоям фармудам, ки дастурхонро партоянд. Онҳо ҳайрон шуда, ба сӯям нигоҳ карданд.

- Паҳн кунед дастархонро, Худо аз ҷое ризқамонро мерасонад. Худам ба берун, барои дастурӯшӣ рафтам. Сипас, ба хонаи дарун даромадам...

Баъди чанд лаҳза ба машомам бӯи нони гарм расид. Духтари ҳамсоя рӯи даст як нони калони нав аз танӯр кандашударо оварда, болои дастурхон гузошт. Бо вуҷуди он ки фазандонам рӯзи дароз чизе нахӯрдаю гурусна буданд, ба сӯи нон даст дароз намекарданд, гӯё карахт шуда буданд.

Б. КАРИМЗОДА,
рӯзноманигор

БЕХАБАР НАМОНЕД!

Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода дар соли 2019 шуморо интизор аст



Хонандагони азиз! Озмуни «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон» барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода идома дорад. Шумо метавонед, матолиби худро то 20 апрели соли равон ба озмун пешниҳод намоед. Матлаби шумо бояд қадри нон ва ба ин васила сарфаву сариштакорӣ дар ҳаёти инсонро инъикос намояд. Ба насли нав бифаҳмонад, ки инсон дар маҷрои зиндагӣ барои дарёфти қути лоямут чӣ қадар азият мекашад, ба чӣ душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Бояд хонанда дарк кунад, ки бо сӯзан ҷамъ кардану бо панҷшоха бод кардан гуноҳ аст...

Ғолиби озмун сазовори Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода ва 2000 сомонӣ маблағ мешавад.

МАТОЛИБИ ХУДРО БА СУРОҒАИ ЗЕРИН ФИРИСТЕД:
ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, Маҷмааи табъу нашри «Шарқи озод», ошёнаи 11, идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон»
ё почтаи электронии **tojikiston@pressa.tj.**

ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
238-54-51, 93-350-70-20

ИНТИХОБИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮ АБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ – РАВЗАНАИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ ШУМО!

ИХТИСОСҲО			ШУЪБАИ РӮЗОНА ройгон ва шартномавӣ	ШУЪБАИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ (ғоибона) ройгон ва шартномавӣ
№	Рамз	Номгӯй	Нархномаи таҳсил	Нархномаи таҳсил
1.	1020501	Математика	2100	1650
2.	131030302	Математикаи амалӣ	1700	0
3.	102050401	Физика. Математика	2100	0
4.	102050403	Физика. Таълими меҳнат	1700	0
5.	1020505	Информатика	2100	2100
6.	1020602	Технология (аз рӯи самтҳо)	1700	0
7.	102040601	Химия. Биология	2200	2200
8.	1020406	Химия. Экология	2200	2200
9.	1020404	Биология. Экология	2200	0
10.	131010103	Биология (биотехнология)	2200	0
11.	1020402	География	1700	0
12.	13102010203	Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат	2200	2200
13.	1890101	Сайёҳӣ ва меҳмондорӣ	2250	0
14.	125010403	Андоз ва андозбандӣ	3600	0
15.	125010803	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ	3500	2600
16.	126010101	Идораи мақомоти маҳалӣ	3600	0
17.	1250103	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	3600	0
18.	1250107	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	3500	2700
19.	125010402	Кори бонкӣ	3300	0
20.	1260203	Маркетинг	3300	2700
21.	126020206	Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф)	3300	2700
22.	1250104	Молия ва қарз	3300	0
23.	1020302	Забон ва адабиёти рус	2200	2200
24.	102030401	Забон ва адабиёти рус Забон ва адабиёти тоҷик	2200	0
25.	1020301	Забон ва адабиёти тоҷик	2100	1650
26.	1230108	Рӯзноманигорӣ	2100	0
27.	121050103	Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ	1800	0
28.	1020306	Забони хориҷӣ (англисӣ)	2700	0
29.	102030601	Забони англисӣ Забони олмонӣ	2700	0
30.	1020307	Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ - хитоӣ)	2700	0
31.	1010201	Таҳсилоти ибтидоӣ	1700	1650
32.	1010202	Таҳсилоти ибтидоӣ. Ихтисоси иловагӣ	1700	1650
33.	101020203	Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусикӣ	1700	0
34.	1010102	Таҳсилоти томактабӣ. Ихтисоси иловагӣ	1700	1650
35.	1030403	Равоншиносии амалӣ	1700	0
36.	1030301	Логопедия	0	0
37.	103030201	Дефектология	0	0
38.	1030304	Олигофренопедагогика	0	0
39.	1030302	Сурдопедагогика	0	0
40.	1230111	Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (аз рӯи самтҳо)	0	1700
41.	1020101	Таърих	1700	1650
42.	1020102	Таърих. Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ)	2600	2600
43.	1230101	Муносибатҳои байналмилалӣ	3300	0
44.	1030201	Тарбияи ҷисмонӣ	2100	2100
45.	1030202	Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ	2100	2100

ЭЗОҲ: НАРХҲОИ ТАҲСИЛ, КИ ДАР ҶАДВАЛ ОВАРДА ШУДААНД, ЭҲТИМОЛ ТАҒЙИР ЁБАНД

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯ Абдуллоҳи Рӯдакӣ қабули довталабонро барои соли таҳсили 2019-2020 ба 9 факултет аз рӯи 45 равияҳои таҳассусӣ эълон менамояд. Бо интихоби ихтисосҳои мавҷудаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абу Абдуллоҳи Рӯдакӣ шумо метавонед дар равияҳои филологию фарҳангӣ, рӯзноманигорӣ, омӯзгорию равоншиносӣ, таъриху ҳуқуқ, муносибатҳои байналмилалӣ, риёзию табиӣ, молиявию иқтисодӣ, варзишию ҳарбӣ, менеҷменту саёҳат, китобхонашиносию таҳсилоти фарогир соҳиби маълумоти олӣ гардида, донишу маҳорат ва малакаҳои таҳассусии хешро бо стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ созед.

Донишгоҳ дорои синфхона ва утоқҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ, пайваст ба интернети баландсуръат, толорҳои маҷлисӣ ва варзишии барҳаво, маркази омӯзиши забонҳо, парки технологӣ, қитъаҳои таҷрибавию истеҳсолӣ буда, ба муҳассилин мутахассисони соҳибтаҷриба, профессорон ва доктору номзадҳои илм таълим медиҳанд.

Ҳамчунин довталабон дар курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии донишгоҳ аз рӯи кластерҳои таҳассусии аз ҷониби Маркази Миллии тестӣ пешниҳодшуда омода карда мешаванд.

Рамзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ММТ 111 мебошад. Интихоби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ равзанаи фардои дурахшон барои ҳар як интихобкунанда хоҳад буд.







СЕВИНЧ, ШАБНАМ, СИТА...

галаконсерти бошукӯҳ дар Ваҳдат

Шоми 26 марти соли ҷорӣ дар Варзишгоҳи шаҳри Ваҳдат бо иштироки ситораҳои машҳури эстрада консерти бошукӯҳи наврӯзӣ баргузор гардид. Сюрпризи асосии ин чорабинӣ меҳмонони хориҷӣ сарояндаи машҳури ӯзбек Севинч Мӯъминова ва сарояндаи хушсадои афғон Сита Қосимӣ буданд. Ин консерти калон бо ташаббуси раиси шаҳри Ваҳдат Раҳмоналӣ Амирзода доир гашт.

Сурудҳои ҷадиди Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшоҳ Шодиев ва ситораҳои санъат Шабнами Сурайё, Зулайхо Мамадшоева, Фариддуни Хуршед, Сирочиддин Фозилов ва Нишонаи Рустам боиси болидарӯҳии тамошобинон гардид.

Ровиёни ин ҷашни дилангез Мубориз Усмонов ва Нилуфари Сарбоз пас аз салом ва рамзи эҳтиром ба тамошобинон чорабиниро ҳусни оғоз бахшида, нахуст навбатро ба ансамбли рақсии "Гулрез" доданд. Пас аз ин, сарояндаи ҷавон Шаҳло Ҳафизова ба саҳна баромад.

Мавриди ёдоварист, ки Шаҳло Ҳафизова низ истеъдоди кашфкардаи Президенти кишвар мебошад. Ӯ пас аз бозхонии суруди "Аз дараи Камаров"-и Акашариф Ҷӯраев ба чашми Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон меафтад ва диққати ӯро ҷалб мекунад. Ҳамин тавр, Шаҳло бо дастури Президент ба марказ даъват шуда, ба саҳнаи калон роҳ меёбад.

Севинч Мӯъминова дар суҳбат бо мо қайд кард, ки ошиқи Тоҷикистон аст ва ҳамеша бо дили гарм даъвати баромад кардан дар кишвари моро қабул мекунад.

- Хушбахтона, ин бори аввал нест, ки ман меҳмони Тоҷикистон бошам. Бароям хушоянд аст, ки бо мухлисони тоҷикам рӯ ба рӯ мегардам ва таронаҳои худро тақдимашон мегардонам. Мо ду давлати бо ҳам дӯсту бародар ҳастем, расму оинро якранг дорем бемамониат ва бе ягон мушкилӣ ҳар гоҳ хоҳем, омода меравем. Ҳар вақте ки ба Тоҷикистон даъват намоянд, шод мешавам, зеро ҳаводорони тоҷикам зиёд ҳастанд, аз ҳамин сабаб дӯсташон медорам,-мегӯяд Севинч.

Ҳамчунин, Севинч қайд кард, ки аз сарояндагони тоҷик садои Шабнами Сурайё барояш хеле писанд аст.

-Хушбахтам, ки имрӯз ҳамроҳи Шабнам меҳмони шаҳри Вахдат ва меҳмони ӯ гаштам,- қайд кард, ин ҳунарпешаи машҳури ӯзбек, ки дар ин сафар ӯро падараш ҳамроҳӣ менамуд.

Ситораи машҳури афғон Сита Қосимӣ бошад - мегӯяд, ки аз роҳ ёфтанаш ба саҳнаи калони тоҷик хурсанд аст:

- Ин сафари дуюми ман ба Тоҷикистон аст. Вақте дар як базми консертӣ маро даъват намуданд, муҳаббати гарми мардуми тоҷикро нисбат ба санъати хеш дида, хушнуд гаштам. Бори дувум, ки ин ҷо даъват карданд, бо гулу гулдаста пешвоз гирифтани мухлимсонамро дида, хурсанд шудам ва Худо мегӯям, ки борҳои дигар боз омада, дар умқи дилҳои мардуми тоҷик ҷой ёбаму сурудҳои хешро тақдим намоям,- гуфт Сита Қосимӣ зимни суҳбат.

Ҳамчунин, Сита аз он изҳори хушнудӣ намуд, ки дар Тоҷикистон Наврӯз бошукӯҳ таҷлил мешавад:

-Хеле хушоянд аст, ки дар иди Наврӯз қарор дорем. Ёдам ҳаст, ки кӯчак будем, ки дар Афғонистон Наврӯзро таҷлил мекардем, аммо айни замон беҳтарин наврӯзи ҷаҳон Наврӯзи Тоҷикистон аст. Шукр мекунам, ки Наврӯз дар Тоҷикистон равнақи бештар пайдо кард,-афзуд номбурда.

Шумо метавонед сабти пурраи мусоҳибаи сармуҳаррири ҳафтаномаи "Тоҷикистон" Шариф Ҳамдампурро бо ҳунарпешаи машҳури Ӯзбекистон Севинч Мӯъминова ва дурахшонтарин ситораи афғон Сита Қосимӣ дар сомонаи "Tajikistantimes" тамошо намоед.

Рустам АЗИМӢ,
махсус барои "Тоҷикистон"









«Афсонаҳои Бибиҷони ГУЛСИФАТ»

Мусоҳиба бо «Адиби беҳтарини сол»-и Лондон

Нависанда Гулсифат Шаҳидӣ ба навиштани қиссаҳо дер сар кард, вале чӣ тавре дар урфият мегӯянд: «дер ояду шер ояд». Даҳ китоби Гулсифат Шаҳидӣ соҳиби ҳафт ҷоизаи байналмилалӣ шуд. Ҳикояву афсона, қиссаву роман ва очеркҳои адабӣ – жанрҳоест, ки нависанда ба он даст зада, тавфиқ ёфтааст. Ду маротиба «Адиби беҳтарини сол» дар Лондон, медали «Кабӯтари сулҳ»-и Созмони адибони Евроосиёӣ, Медали тиллоии беҳтарин адиби Евроосиёӣ дар Москва, дипломҳои «Номи нав дар адабиёти муосир» дар Стокҳолм, Кембриҷ, Лондон, Минск, Москва, Ню-Йорк, Тел-Авив ва Санкт-Петербург подоши заҳматҳояш дар адабиёт мебошад. Имрӯз Гулсифат Шаҳидӣ меҳмони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аст.



Гулсифат Шаҳидӣ бо ҳамсараш композитор Толибхон Шаҳидӣ

- Китоби шумо «Афсонаҳои Бибиҷони Гулсифат» сазовори Ҷоизаи адабии «Адиби беҳтарини сол»-и озмуни эҷодии «Hertfordshire Press 2018» дар Британия Кабир гардид. Шуморо бо ин дастоварди табрик мегӯям. Наҳуст мехостам дар мавриди ин ҷоиза ва чӣ гуна роҳ ёфтани китобатон ба ин озмун чанд ҳарф бигӯед.

- Ман аллакай ҳафт сол аст, ки китобҳоямро ба озмуни Созмони эҷодии Евроосиёӣ (Лондон) пешниҳод мекунам. Иштирок ва шартҳои ин озмун кушода аст. Созмон ҳадафи тиҷоратӣ надорад, чун ташкилоти ҷамъиятист. Ман хушбахтам, ки фарзандонам дар Лондон зиндагӣ мекунанду наздашон хабаргирӣ меоям, бинобар ин, бароям осон аст, зеро харҷи роҳу ҷои зистам дар дасти худам аст. Бахтам омад кард, ки ман тавонистам дар ин озмунҳо ширкат варзам. Китобҳоямро ба русӣ менависам ва ба англисӣ тарҷума мекунам, узви доварони озмун осонтару зудтар онро хонда, ба асарҳо бахо медиҳанд. Аз Худо ҳазор бор шукр, ки фарзандонам дар ин кор ёварони беминнатам ҳастанд. Ман танҳо эҷод мекунам. Ҷоизае, ки ба он соҳиб шудам, ягона нест, вале бароям хеле азиз аст, зеро барои китоби афсонаҳо соҳиби он шудам.

- Ман бо эҷодиёти шумо чандин сол пеш ошно шуда будам. Ҳикояҳои ҷолибатон дар мавриди сарнавишти тоҷикон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва паёмадҳои он хеле ҷолибанд. Аммо чӣ шуморо такон дод, ки ба афсонанависӣ машғул шавед?

- Маро чизе такон надод, танҳо хоҳиши набераамро иҷро кардам. Набераам Ғаффорҷон, ки вакти кӯдакиаш барояш афсонаҳои зиёди худам эҷодкардаро накл мекардам, аз ман илтимос кард, ки китоби афсонаҳоямро навишта, чоп кунам. Ин туҳфаест ба зодрӯзи набераи азизам. Ман махсус ба афсонанависӣ нагузаштаам. Вақти навиштани романи «Офтобхон» хаста мешудам ва пас аз навиштани ҳар як боби роман барои истироҳату дилхушӣ яктоӣ афсона менавиштам. Оҳиста-оҳиста афсонаҳо як китоби мукаммал шуд. Фаҳмидам, ки барои дамгириву оромии асаб навиштани афсонахо бароям хуб аст. Танҳо соли гузашта чор китобам аз чоп баромад, ки ин кори хеле зиёд аст. Ман фикр мекунам, ки барои рафъи хастагӣ афсонаҳо ба ман хеле кумак карданд.

- Аз вазъи кунунии адабиёти тоҷик огоҳед? Агар ҳа, онро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

- Огаҳам. Албатта, асари шоиру нависандагони бузургамонро мутолиа мекунам. Аз ҷавонтарҳо бошад, бо эҷодиёти Фарзона, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳим, Диловари Мирзо, Исфандиёри Назар, Мубинҷон Юсуфӣ, Фирдавси Аъзам, Аниса Собирӣ шиносоӣ дорам. Ҳамаро номбар кардан амри маҳол аст, танҳо гуфтанӣ ҳастам, ки аз ҷараёни адабиёти тоҷик огоҳам. Ба сиёсат коре надорам, танҳо аз маҳорату истеъдодашон ҳарф мезанам. Мо ҷавонони хеле боистеъдод дорем, ки онҳоро бояд дастгирӣ намуд.

- Чӣ бояд кард, ки адабиёти муосири тоҷик ба ҷаҳон роҳ ёбад?

- Роҳи асосӣ – ин тарҷума ва интишори эҷодиёти адибони номиву ҷавони тоҷик дар дохил ва хориҷи кишвар аст. Баъдан ҷалби хонандагон ба китобҳои нависандагони ватанӣ.

- Гарчанде шумо бо забони русӣ менависед, аммо меҳвари эҷодиётатонро сарнавишти тоҷикон ташкил медиҳад. «Мавзӯи тоҷикон» (Таджикская тема) барои шумо то чӣ ҳад муҳим аст?

- Китобҳои ман танҳо дар мавзӯи Тоҷикистону тоҷикистониён аст. Ёди кишвари ормонҳои сабзамро мекунам. Сарзамини кӯҳҳои осмонбӯс ва зебоманзар - Ватани азизамро дӯст медорам. Ҳар як сатрамро ба Ватани азизам бахшидаам. Ният дорам ба наздикӣ Душанберо – шаҳри зеби дунёро зиёрат кунам.

- Гулсифат Ғаффоровна, шумо духтари вазир ҳастед ва табиист, ки метавонистед, карераи хуби роҳбариву сиёсӣ кунед, аммо адабиётро интихоб кардед. Ин меҳр аз кучост?

-На танҳо духтари вазир, абераи соҳиби муҳри амири Бухоро ҳам хастам. Ин чиз танҳо шарҳи ҳолам. Ба ҳар мақоме, ки гузаштагонам расиданд, ин танҳо меҳнати ҳаққу ҳалоли онҳост. Вале ин он маъноро надорад, ки фарзандон, албатта, ба мақоми онхо ва ё баландтаре расанд. Тавонанду хоханд – марҳамат. Вале ман ҳеҷ гоҳ дар бораи «карера» фикр намекардам. Аълохон будам, стипендияи ленинӣ мегирифтам, бо дипломи сурх донишгоҳро хатм намудам. Бароям донишу малака ва соҳиби ихтисос шуданам заруртар буд.

- Шумо ҳамсари композитори машҳур Толиб Шаҳидӣ ҳастед. Мехостам дар мавриди ин пайванд ва меваҳои он чанд ҳарф бигӯед.

- Бале, чилу панҷ сол мешавад, ки мо якҷо умр ба сар мебарем. Соҳиби се писар ва дах набера ҳастем. Худо ба ман тақдири хубе ато кардааст. Сад шукр! Аз оилаҳои хубем ва оилаи хуби худро ташкил кардем. Албатта, ин кори осон набуд. Пастиву баландии дунё паси ҳамдигаранд. Ҳамаашро бо сарбаландӣ гузаштем ва умед дорам минбаъд ҳам мегузарем.

- Оё эҷодиёти Толиб Зиёдуллоевич ба эҷодиёти шумо ягон таъсир мегузорад?

-Эҷодиёти Толиб Шаҳидӣ ин як ҷаҳони муассирест, ки дарки он на ба ҳама муяссар мешавад. Ҷозибае дорад, ҷозибаи Худодод. Ман дар консертҳои бешумори ӯ дар толорҳои гуногуни ҷаҳон ширкат варзидаам ва шукӯҳу таъсирбахшии мусиқиаш маро илҳом бахшид. Фаҳмидам, ки вазифаи асосӣ – ҳамсари дастгиру батоқат ва модари мушфиқро ба ҷо овардаам. Бачаҳоям ба орзуҳояшон расиданд. Ман акнун вақт пайдо кардам, ки худам эҷод кунам. Худоро шукр!

- Нияти нашри китобҳоятонро дар Тоҷикистон доред?

- Бегуфтугӯ, албатта, мехохам, ки китобҳоям ба тоҷикӣ чоп шаванд. Аллаккай як китобам – «Шаҳри ормонҳои сабз» дар Тоҷикистон чоп шуд ва дар китобхонаҳо махфуз аст. Ду китоби дигар – «Ҳамсояҳо» ва «Афсонаҳои Бибиҷони Гулсифат» омодаи чопанд. Ҳангоми сафарам ба Душанбе мехоҳам вохӯрие бо хонандагону мухлисонам гузаронам.

Мусоҳиб Одил НОЗИР,
«Тоҷикистон»

Акс аз бойгонӣ



Дар акс: Чингиз Айтматов, Қайсин Кулиев, Муҳаммад Осимӣ, Гулсифат Шаҳидӣ ва дигар арбобони адабиёт ва санъати шӯравӣ зимни ифтитоҳи Хона-музейи ба номи Мирзо Турсунзода. Соли 1981

ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД (ДИС ДДТТ)

Ҳадафи асосии донишкада амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тайёр намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошад.



Олимӣ Рауф Латифзода, ректори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

Бо ин мақсад дар донишкада тайёр намудани мутахассисон дар асоси ҳаматарафа омӯзонидани донишҳои касбии иқтисодиву ҳуқуқӣ, сатҳи баланди муошират дар фаъолияти меҳнатӣ, технологияҳои инноватсионии муосир, на кам аз 3–4 забонҳои хориҷӣ омӯзиш ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ба роҳ монда шудааст.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» (ДИС ДДТТ) тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №59 аз 12 феврали соли 2010 таъсис дода шуда, соҳиби иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ (АУ № 0002417 аз 2-юми ноябри соли 2017), шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатии (ИА 0000797 аз 7-уми июни соли 2016) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Дар ДИС ДДТТ 251 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 7 нафар докторҳои илм ва профессорон, 63 нафар номзадҳои илм ва дотсентҳо, 6 нафар магистрҳои илм фаъолияти таълимӣ, методӣ, илмӣ ва тарбиявӣ мебаранд. Зиёда аз 20 нафар олимону омӯзгорон дар гурӯҳҳои таҳсил бо забони англисӣ машғулиятҳоро аз ҳамаи фанҳо (иқтисодӣ, риёзӣ, ҳуқуқӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра) бо забони англисӣ мегузаронанд. Аз ҷумла, дар ин гурӯҳҳо устодон аз ИМА Теренс Дрю, Ванесса Беари, Ребека Виллер, Шерон Сатурнс ва Марсел Минутоло, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин Ян Сяоюй дарс додаанд.

Дар феҳристи макотиби таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, ки Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, донишкада бо рамзи 211 ва навиштаҷоти ДИС ДДТТ сабт шудааст.

ДИС ДДТТ солҳои охир ба як қатор дастовардҳои намоён ноил гардида, ба шумо - довталабони гиромӣ имконият ва кафолатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1. Донишкада ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ пурра шомил гашта, таҳсил бо низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

2. Имрӯз донишкада ба гурӯҳҳои забони таҳсилашон англисӣ диққати аввалиндараҷа дода, таълими ҳамаи фанҳоро пурра бо забони англисӣ ба роҳ мондааст ва мунтазам олимону профессорон аз давлатҳои Аврупо ва ИМА ба ин гурӯҳҳо даъват мешаванд.

3.Таълим дар синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо тахтаҳои электронии интерактивӣ, толорҳои лексионӣ, утоқҳои лингафонӣ, лабораторияҳо амалӣ мешавад. Айни замон дар донишкада зиёда аз 250 компютерҳои замонавӣ ба шабакаи баландсуръати Интернет пайваст карда шудаанд.Барои донишандӯзӣ, донишҷӯён аз китобхонаҳои муқаррарӣ ва электронӣ бо хазинаи 9000 адад китоб, синфхонаи Интернет бо 64 адад компютери замонавӣ ва дигар имкониятҳо васеъ истифода мебаранд.

4. Дар ДИС ДДТТ ҳар як донишҷӯ имкон дорад 3-4 забони хориҷиро дар сатҳи баланд аз худ намояд. Бо ин мақсад дар донишкада “Маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва соҳибкорӣ” бо омӯзиши забонҳои англисӣ, русӣ, олмонӣ ва хитойӣ ташкил карда шудаанд.

5. Дар Маркази омӯзиши соҳибкорон пайваста курсҳо оид ба азхудкунӣ ва тартиб додани бизнес-нақшаҳо, 1С -муҳосибот, технологияҳои муосири компютерӣ ва кор бо ҳукумати электронӣ, андозбандӣ, нархгузорӣ ва омӯзиши малакаҳои хизматгузорӣ ташкил карда мешаванд.

Инчунин, дар донишкада паркҳои технологии таълимии «Дӯхтани либосҳои замонавӣ» бо омӯзонидани курсҳои буррандагию дӯзандагӣ, «Гиёҳҳои дорувории вилояти Суғд» ва қаннодӣ амал мекунанд.

6. Донишкада дар барномаҳои байналмилалии ERASMUS +, FULBRIGHT ва UNESCO иштирок намуда, бо зиёда аз 60 донишгоҳҳои Аврупо, ИМА, Осиё ва ИДМ созишномаҳои ҳамкорӣ дорад. Донишҷӯён ва магистрҳо тибқи ин барномаҳо имконияти давом додани таҳсил ва таҷрибаомӯзиро дар кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Италия, Испания, Булғория, ИМА ва Чин) доранд.

7. Дастаи “ЭНАКТУС”-и донишкада борҳо дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва умумиҷаҳонии донишҷӯён дар соҳибкории озод ғолиб омада, бори аввал соли 2011 Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мусобиқаи байналмилалӣ дар давлати Малайзия баланд афрохта буд. Солҳои 2013, 2014, 2016, 2018 ғолиби мусобиқаи ҷумҳуриявӣ шуда, барои иштирок дар Ҷоми ҷаҳон ба давлатҳои Мексика, ИМА, Канада, Британиёи Кабир сафар кардааст.

8. ДИС ДДТТ барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани сифати таълим ва дониши донишҷӯён сол то сол иштироки онҳоро дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва олимпиадаҳо таъмин менамояд. Донишкада се соли охир дар озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯ ва прогресси илмӣ-техникӣ» байни мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар се ҷои аввал қарор дорад. Ҳангоми ғолибият дар олимпиадаҳо донишҷӯён имконияти аз пардохти маблағи таҳсил озод шуданро доранд.

9. Ҳамасола донишҷӯёни донишкада барои таҳсили хубу аъло сазовори стипендияҳои раиси вилояти Суғд, раиси Иттифоқи “Тоҷикматлубот”, раисони шаҳру ноҳияҳо, директори донишкада, грантҳои берунӣ ва дохилии кишвар мегарданд.

10. Барои устодону донишҷӯён толори варзиши замонавии “Фитнес” амал мекунад ва дар он 18 тренажер, 4 тенниси рӯи миз ва дигар таҷҳизоти варзишӣ гузошта шудаанд.

11. Барои довталабон дар донишкада курсҳои тайёрӣ амал мекунад. Хатмкунандагон дар асоси шартномаҳои тарафайн ва иштирок дар озмунҳо бо ҷои кор таъмин мешаванд.

12. Биноҳои таълимии донишкада (ҳамаи синфхонаҳо ва утоқҳои корию ёрирасон) дар даври сармо ба тариқи марказонидашуда гарм карда мешаванд.

ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР ДИС ДДТТ АЗ РӮИ КЛАСТЕРҲО ВА ИХТИСОСҲОИ ЗЕРИН АМАЛӢ МЕШАВАД:

№	Рамзи ихтисос	Номгӯи ихтисос	Шакли таҳсил		Забони таҳсил дар шуъбаи рӯзона	Забони таҳсил дар шуъбаи фосилавӣ
			рӯзона	фосилавӣ		
АЗ РӮИ КЛАСТЕРИ 2 – ИХТИСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ГЕОГРАФӢ						
1	125010407	Молия ва қарз дар фаъолияти иқтисоди беруна	+	+	тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ	тоҷикӣ ва русӣ
2	1250103	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	+	+	англисӣ ва русӣ	русӣ
3	12501081204	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	+	+	Тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ ва русӣ
4	125010718	Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхона	+	+	тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
5	125010403	Андоз ва андозбандӣ	+	+	тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
6	125010402	Кори бонкӣ	+	+	тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
7	1960101	Ҳадамоти гумрукӣ	+	+	тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
8	1260202	Менеҷмент	+	+	тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
9	1250112	Информатикаи иқтисодӣ	+	+	тоҷикӣ	тоҷикӣ
10	140010202	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)	+	-	тоҷикӣ	-
11	127010116	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук)	+	-	тоҷикӣ	-
12	1260203	Маркетинг	+	-	тоҷикӣ	-
13	1250109	Молшиносӣ ва муоинаи мол	+	+	тоҷикӣ	тоҷикӣ
14	125011004	Тиҷорат дар бозори берунӣ	+	+	тоҷикӣ	тоҷикӣ
15	1260101	Идораи давлатӣ	+	+	тоҷикӣ	тоҷикӣ
16	1250111	Аудит ва ревизия	+	-	тоҷикӣ	-
17	1260201	Бизнес-маъмуриятчигӣ	+	-	англисӣ	-
АЗ РӮИ КЛАСТЕРИ 4 – ИХТИСОСҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚ						
1	1240103	Ҳуқуқи иқтисодӣ	+	+	Тоҷикӣ ва русӣ	тоҷикӣ
2	124010104	Ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ	+	-	русӣ	-
3	124010302	Танзими ҳуқуқии молия ва қарз	+	-	тоҷикӣ	-

БАРОИ МАШВАРАТ БА СУРОҒАИ ДОНИШКАДА:
ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169.
ТЕЛ: *(83422) 6-03-21, 4-08-63,* **ФАКС:** *(992 3422) 4-33-15,*
СОМОНА: **www.iet.tj E-MAIL: info@iet.tj** *муроҷиат намоед.*

МАРҲАМАТ БА ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН!

Дили Наврӯз

Дар рӯзи нав омад баҳор, омад баҳор, омад баҳор,
Турна ба рӯйи кӯҳу дашт омад қатор, омад қатор.
Бигзашт барфу сардию сармою ғам шабҳои тор,
Деҳқон, ту бо шавқи ҳазор гандум бипош, кун киштукор.

Наврӯз шуд, дах рӯзу боз ду рӯз бошад кабки рав,
Чун ҳаждаҳи бузкуш расад, гандум бикору наску ҷав.
Кампир дарғор ояду ояд пас аз он ҳуту ҷут,
Наврӯз шуд, чил кунда сӯз, рӯзи муборак-рӯзи нав.

Оташпараст омад баҳор, оташ бисӯз, оташ барор,
Ҳам бутпараст омад баҳор, саҷда биёр, он бут гузор.
Наврӯз баҳри мардуми рӯйи замин рӯзи нав аст,
Яздонпараст омад баҳор, як шуда, бин, лайлу наҳор.

Ватани ман

Ин Ватанро худ ба чашми дил нигар,
Меҳри ӯ дар дил бувад ганҷу гуҳар.

Лаҳзае васфаш нашуд сарфи назар,
Қалби ман саршор аз ӯ шому саҳар.

Эй Ватан, мадҳат кунам садҳо асар,
Олам аз ҳастии ту ёбад хабар.

Ман, ки дорам як ҷаҳон шӯру шарар,
Ин Ватанро мекунам ҳифз аз хатар.

Ҳастам андар сангари ин баҳру бар,
Хасми миллат дорад аз азмам ҳазар.

Ин Ватанро дӯст дорам ҳар қадар,
Дуру марҷон тобад олам дар назар.

Кӯҳҳои сарбаландат заркамар,
Қуллаҳоят арҷи халқи бозафар.

Эй Ниҳонӣ, ҳар куҷо дорӣ сафар,
Нест фикрат ҷуз Ватан чизе дигар.

НИҲОНӢ

МУФАТТИШ ФОЗИЛОВ

дар озмуне, ки ӯ ғолиб омад



Дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ кам нестанд кормандони масъулиятшинос, дӯстдори касб ва содиқ ба савганд, ки барои дигарон намуна ва лоиқи ифтихори мақомоти милитсия бошанд.

Ҳарчанд ин гуна нафарон тобиши фарқкунанда миёни ҳамкасбон доранд, аммо иштирок дар озмунҳои баргузорнамудаи ВКД чеҳраи онҳоро барои тамоми ҳайати шахсии мақомот муаррифӣ месозад.

Озмуни «Беҳтарин муфаттиш» аз гунаи озмунҳоест, ки ҳамасола дар байни муфаттишони мақомоти милитсия гузаронида мешавад. Раёсати тафтишотии ВКД натиҷаи озмун дар соли 2018 ва ғолибони онро муайян намуд. Унвони «Беҳтарин муфаттиш дар соли 2018»-ро муфаттиши шуъбачаи тафтишотии ШВКД-1 дар шаҳри Исфара капитани милитсия Хурсандмурод Фозилов мебошад.

Ин муфаттиш соли сипаришуда 67 парвандаи ҷиноятиро ба таҳқиқ намуда, 54 ададашро нисбати 71 нафар айбдоршаванда бо 105 лаҳзаи ҷиноят бо фикри айбдоркунӣ ба итмом расонид ва ба суд ирсол намуд. 60 фоиз парвандаҳои ҷиноятии баитмомрасонидаи муфаттиш ҷиноятҳои бисёрлаҳза ва мураккаб буданд.

Фозилов соли 2016-ум 45 парвандаи ҷиноятӣ, соли 2017-ум 51 парвандаи ҷиноятиро ба итмом расонида, дар солҳои қаблӣ низ барои соҳиб шудан ба ҷоизаи «Беҳтарин муфаттиш» дар озмун ширкат варзидааст.

Хурсандмурод хатмкардаи факултети 2-юми Академияи ВКД дар соли 2014 буда, аллакай бо назардошти интизоми хизматӣ, дониш ва малакаи хуби таҳқиқу тафтиш, баҳодиҳии ҳуқуқии холисона ба кирдорҳои зидиҳуқуқӣ бо пешниҳоди роҳбарияти шуъбаи 1-уми ВКД дар шаҳри Исфара ӯро соли 2016 ба вазифаи муфаттишӣ таъин намуданд.

Ҷоизадори озмуни «Беҳтарин муфаттиш» Фозилов дар амал азму иродаи матин ва меҳнати шабонарӯзӣ дорад, ки ин ифтихори ҳампешагони ӯ низ мебошад.

Акбар ШАРИФОВ,
сардори Маркази матбуоти РВКД дар вилояти Суғд

Мавлудномаи Тоҷикистон

27 март

Эдуард Дмитриев (1934), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Роза Муллоҷонова (1944), 75-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Дилором Ҷӯрабекова (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи математика.

28 март

Рустам Бобоҷонов (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Александр Кнопкин (1899-1976), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

29 март

Абдуллоҷон Абдураҳимов (1969), 50-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Кенҷа Баротов (1919-1992), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Абдулҳай Қаландар (1944), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Тутихон Фозилова (1934), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи кишоварзӣ.

Ҳусния Ҳафизова (1959), 60-солагии зодрӯзи журналист.

30 март

Султон Наврӯзов (1939-2018), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Корманди шоистаи чумҳурӣ.

Мусаллам Пошоева (1914-1989), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр.

Олег Тулаев (1949-2006), 70-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

Саттор Ҳудойбердиев (1939), 80-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

31 март

Бурҳониддин Каримзода (1959), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Алексей Шофкопляс (1919-1980), 100-солагии зодрӯзи файласуф.

1 апрел

Неъмат Бозоров (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Ибодулло Машрабов (1954), 65-солагии зодрӯзи актёри театр, сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Муборак (Исроилова Тоҷиниссо) (1929), 90-солагии зодрӯзи шоира.

2 апрел

Каримҷон Бурҳонов (1949), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Саломат Ғозибекова (1914-1988), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр.

Тағоймурод Ҳушвақтов (1949-2002), 70-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти чумҳурӣ.

Сабоҳат Ҳамидова (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи иқтисод.

Ҳомид Ҳомидов (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

3 апрел

Саттор Байзоев (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Бахшибек Гадоев (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Галина Грачёва (1934), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Амнун Ёдгоров (1939), 80-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

Латофатхони Ислом (1954), 65-солагии зодрӯзи шоира.

Гулнора Муҳаббатова (1969), 50-солагии зодрӯзи муаррих.

Олег Соболев (1924), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Инъомҷон Тоҷибоев (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Хулкар Юсуфов (1949), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида,
ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд?
Пешопеш моро огоҳ кунед. **ТЕЛ: 238-54-51**

ҶАҲОНПАҲЛАВОН МЕШАВАМ!

Талоши чемпион миёни ҷавонон Темур Раҳимов баҳри фатҳи ин қулла

Як қадам ба пеш!



Шукр, ки қаҳрамони нигоштаи ман Темур Раҳимов лаззату кайфияти унвони чемпиониро аллакай чашидааст. Ӯ нахустин паҳлавони чудокори ҷавон дар қитъаи Осиё ба шумор меравад, ки унвони чемпиониро дар байни даҳҳо миллату халқиятҳои минтақаи Осиё ба номи тоҷикону Тоҷикистон бо сатрҳои заррин нависондааст. Ин рӯйдоди беназири таърихи варзиши тоҷик ҳангоми баргузории Ҷоми кушодаи Осиё-2017 дар кишвари Ӯзбекистон ба миён омад. Темур дар вазни 100 кг ҳамаи рақибонашро шикаст дода, медали тиллои мусобиқаро ба гардан овехт.

Илова бар ин, Темур дар мавсими варзишии парерсол ҷойи сеюм ва ҷоизаи биринҷии Чемпионати ҷавононро оид ба чудо дар кишвари Хорватия соҳибӣ намуд. Ин дастовардҳо чудочии ҷавон Темур Раҳимовро ба «10-гонаи беҳтарин варзишгарони соли 2017» шомил кард.

Темури қадбаланди 21-сола ба ҷавониаш нигоҳ накарда, борҳо дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ ва ҷаҳонӣ ба зинаҳои шуҳрати варзишӣ боло шудааст. Ӯ барандаи ҷоизаҳои тиллоии чемпионатҳои ҷумҳурӣ, Бозиҳои сеюми варзишии АвруОсиё, Ҷомҳои Осиё ва Аврупо, медалҳои нукраи Чемпионати Осиё дар Ҳонконг ва ҶХЧ ва дигар ҷоизаву мукофотҳои мусобиқаҳои байналмилалӣ мебошад. Инчунин, тибқи рейтинги Федератсияи байналмилалии чудо (соли 2014) Темур Раҳимов миёни ҷавонони навхат (кадетҳо) дар вазни беш аз 90 кг якумин эътироф гардидааст.

«Бобоям маро варзишгар кард»

Аслан бо мардум варзишгар суҳбат кардан мушкилиҳо дорад: онҳоро пайдо кардан корест мухол, телефон кардан муяссар, ки шуд, аз вохӯрию суҳбат сар мепечанд, ба пурсишҳо бо дили нохоҳам посух медиҳанд, баҳона меоранд, ки «дар интернет ҳамаи маълумот аст». Мефахмонам, ки дуруст аз он маълумот истифода мекунам, аммо барои шавқовару зиндатар шудани навишта кифоя нест.

Як сол пеш Темур дар суҳбаташ бо хабарнигори сомонае иброз намудааст, ки «ба варзиш маро бобоям Рустам Абдураҳмонов роҳнамо шуда, дилгарм кард. Ӯ дар ташаккули ман ҳамчун варзишгар нақши боризе дорад. Ман аллакай дар



6-солагӣ машқу тамрин мекардам. Дар 9-солагӣ маълум гардид, ки бояд чиддӣ ба дзюдо машғул шавам ва баҳри фатҳи қуллаҳои ин намуди паҳлавонӣ талош варзам.

Темур Раҳимов аввал машқу тамринҳояшро дар мактаби варзишии Устоди варзиши СССР Худойназар Боқиев – падари паҳлавонони номии ҷумҳурӣ Расул, Алишер, Рустам ва Ҳаким Боқиевҳо амалӣ намуда, баъд аз ин таҳти роҳбарии Мураббии шоистаи Тоҷикистон Мустақим Аминов қарор гирифт.

- Мустақим Аминов бо чиддияту қатъият ва сахтгирӣ тавонист, ки маро ба мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ омода созад. Ӯ дар ман сифатҳои ба варзишгар ниҳоят зарурро тарбия кард, то ки тавонам дар сатҳи ҷаҳонӣ ба комёбиҳо ноил шавам, - мегӯяд Темур.

Иштироки нахустини Т. Раҳимов дар мусобиқаи байналмилалӣ аз бохт шурӯъ шуда буд. Аммо пас аз ин муваффақиятҳо дар мусобиқаҳои ноҳиявию минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ насибаш гардиданд. Дар чемпионати ҷумҳуриявӣ аввал ба гирифтани ҷойи сеюм (медали биринҷӣ) ва соли дигар ба унвони чемпионии кишвар муваффақ гардид.

Хонавода - дар пушту паноҳаш

Темур аз мусобиқа то мусобиқа маҳорашро сайқал дода, таҷриба меандӯхт. Дар ин кори асосӣ мутаккояш мураббӣ Мустақим Аминов ва аҳли хонавода ашон ҳастанд. -Бахусус, аз падарам миннатдорам, ки ҳамеша маро дастгирӣ мекунад , - иброз кард Темур.

Соли 2011 барояш хеле хотирмон гардид: ӯ дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба дзюдо, ки дар кишвари Қазоқистон доир шуд, ғалабаи аввалин ба даст овард, вале дар набарди дуюм мағлуб шуд. Ин набардро бо мураббиаш таҳлил карда, ба хулосае омаданд, ки машқу тамринҳоро чиддан ба роҳ монанд. Ин натиҷаи хуб доду Темур дар мусобиқаҳои шаҳрҳои Барнаул ва Иркутскии Русия, баҳри дарёфти Ҷоми «Вастан» комёб гардид. Бояд тазаккур дод, ки сафарҳо ба мусобиқаҳои байналмилалӣ маблағгузории зиёдеро тақозо менамояд. Ҳамаи инро падараш таъмин мекунад.

-Ман доим мекӯшам маҳорати варзишии худро сайқал бидиҳам. Билхоса баъди иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ. Сатҳи тайёрии дзюдочиён дар аксари кишварҳо торафт пурқуввату инкишоф меёбад ва ман бояд барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ хаста нашуда, ба машқу тамринҳоям ягон усули навро ворид намоям, - мегӯяд Темур. – Як хоҳиши ғолиб омадан кам аст. Мураббиам ҳар бор қабл аз қувваозмоӣ таъкид мекунад, ки тамоми ҳунару маҳоратамро дар майдон ба истифода барам, исбот намоям, ки аз ҳариф беҳтарам.

Мураббӣ Мустақим Аминов ба шогирдаш Темур Раҳимов чунин баҳо медиҳад:

- Темур Раҳимов варзишгари ҷавони умедбахш аст. Ӯ исбот кард, ки дар байни чудокорони ҷавон мақоми баландтарин дорад. Дастовардҳои варзишии ду соли охир моро дилпур кунонд, ки баҳри бадастории роҳхати Олимпиадаи Токио-2020 чидду ҷаҳди бештар намоем. Мо инро метавонем.

Ғолибият дар Гран-прии Марокаш

Пирӯзие, ки Темур Раҳимов дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ба даст овард, кулли мухлисони варзишро шод гардонд. Ин рӯйдоди фараҳбахш дар мусобиқаи байналмилалӣ дар доираи силсилаи Гран-при доир ба чудо ба вукӯъ пайваст. Паҳлавони 21-солаи тоҷик Темур Раҳимов дар вазни беш аз 100 кг рақобати якумашро аз чудокори ҳолландӣ Д. Спикерс бурида, қувваозмоии баъдинаашро ба ҳарифи немисаш бохт. Аммо барои ҷойи сеюм ва рақибонашро азТунис ва Руминия шикаст дода, медали биринҷии Гран-прии Марокашро ба гардан овехт.

Мусобиқаи Гран-прии Марокаш литсензионӣ маҳсуб ёфта, ба ғолибони ҷойҳои ифтихорӣ, аз ҷумла ба Темур Раҳимов, бар замми маблағ холҳои олимпӣ ҳадя кард. Яъне, қаҳрамони нигоштаи мо баҳри ба қуллаи мурод расидан қадами устуворе гузошт.

Эмоми НАЗАРИЁН

Соҳибкори Хоруғ

толори варзишро ба истифода дод

Ибтидои фасли баҳор дар шаҳраки ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Хоруғ боз як толори варзишӣ навсозӣ ва бо тамоми таҷҳизоти муосир таъмин карда шуд.

Сардори Раёсати ҷавонон ва варзиши Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Сурач Чоршанбиев иттилоъ дод, ки толори мазкур бо кумаку дастгирии сохибкор Саламшо Имомназаров, ки Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бо харҷи беш аз 190 ҳазор сомонӣ сохта шуд. Ин соҳибкори маҳаллӣ гуфт, ки ҳамаи таҷҳизот бо маслиҳату тавсияи мутахассисони соҳаи варзиш харид ва дар ихтиёри варзишгарон гузошта шуд. Дар корҳои сохтмонӣ ва васлу насби таҷҳизот худи варзишгарон кумак расониданд.

Дастурдиҳандаи Мактаби варзишии вилоят Ғуломхусейн Мародхусейнов бо изҳори сипос ба ин соҳибкори ҷавон гуфт, ки «бо истифода аз чунин шароит сатҳу сифати тамрину мусобиқаҳои варзишӣ боз ҳам бало хоҳад рафт. Баъд аз ин мутобиқи реҷа духтарону занон ҳам метавонанд дар ин толор ба машқи бадан машғул шаванд».

Хет-трики Лионел Месси

Довталаби асосии «Партофти головари сол» кист?

Зголи (хет-трики) Лионел Месси дар вохӯрӣ бо «Бетис» ба «Барселона» имконият дод, ки шаҳди пирӯзии навбатиро дар Чемпионати Ла-Лигаи Испания бичашад.

Ба бисёр голзании ҳамлагари аргентинии «Барселона» ҳамаи мухлисони футбол одат кардаем. Аммо ҳар яки ин голҳо аз ҳамдигар зеботар зада шудаанд. Дар бозӣ бо «Бетис» Месси боз хет-трики навбатиро ба номаш навишт. Лионел аввал тӯбро аз зарбаи ҷаримавӣ дар дақиқаи 18-ум, гӯё дарвозабон набошад, вориди тӯр кард. Дар охири қисми аввал ӯ аз партофти ҳамдастааш Луис Суарес устокорона истифода намуда, дубл кард. Воқеан, Луис Суарес голи сеюмро дар ин бозӣ муаллиф гардида, довталаби асосӣ барои ҷоизаи номинанти «Партофти головари сол» маҳсуб меёбад.

Ба ҳар ҳол, Месси бо голи сеюмаш ба ин бозӣ хотимаи фараҳбахш гузошт. Ӯ партофти ҳамдастаашро ба зарбаи ҳадафрас табдил дода, ҳатто қарсакзании мухлисони «Бетис»-ро сазовор гардид.

ФУТБОЛ

КОРТИ ЗАРД 23-СОЛАҲОРО АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ МАҲРУМ КАРД



Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) дар даври интихобии Чемпионати Осиё-2020 дар Тошканд як ғалабаву як мусовӣ карда, бо Ӯзбекистон имтиёзҳои баорбар ба даст оварда, аммо ба даври финалӣ роҳ наёфт.

Рӯзи сешанбе дар қитъаи Осиё бозиҳои марҳилаи интихобии Чемпионати Осиё-2020 байни ҷавонони то 23-сола ҷамъбаст шуд. Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон, ки шомили гурӯҳи "F"-и мусобиқот буд, дар бозии аввал дастаи Ҳиндустонро бо натиҷаи 2:0 шикаст дод ва бозии охирини худро бо дастаи мунтахаби олимпии Ӯзбекистон бо ҳисоби 0-0 мусовӣ кард. Дастаи Ӯзбекистон, ки дар бозӣ бо Ҳиндустон бо натиҷаи бузургтар (3:0) пирӯз омада буд, дар ҷадвал якум шуд. Ба ҳар ҳол, шогирдони Усмон Тошев бо ба даст овардани 4 имтиёз яке аз муддаиёни баромадан ба даври финалӣ буданд, вале дастаҳои мунтахаби олимпии гурӯҳҳои дигар низ бозии даври охири худро мусовӣ карданд. Дар 11 гурӯҳи марҳилаи интихобӣ 7 дастаи ҷойи дуюм соҳиби 4 имтиёзӣ шуд. Бо далели баробар будани нишондодҳо Конфедератсияи футболи Осиё аз меъёри таснифоти интизомӣ кор гирифт. Дастаи Тоҷикистон, ки дар бозиҳо бар муқобили Ҳиндустон ва Ӯзбекистон 6 корти зард гирифта буд, аз рӯи ин нишондод аз дастаҳои мунтахаби олимпии Эрон, Сурия ва Арабистони Саудӣ, ки мутаносибан 2 ва 3-тои кортҳои зард доштанд, қафо монд. Ин меъёр боис бар он шуд, ки мо дар фехристи дастаҳои ҷойи дуюм пас аз Австралия, Эрон, Сурия ва Арабистони Саудӣ дар зинаи 5-ум қарор гирем. Ҳамин тавр дастаи мунтахаби олимпичиёни кишвар аз роҳхати Чемпионати футболи Осиё байни ҷавонони то 23 - сола маҳрум шуданд.

ҶУДО

КМВА «ПОМИР»
соҳиби Ҷоми ЛФТ шуд

Мусобиқаи байналмилалии пешазмавсимӣ барои дарёфти Ҷоми Лигаи футболи Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон бо пирӯзии дастаи футболи КМВА "Помир" ба анҷом расид.

Дар мусобиқа, ки аз 16 то 24 март дар майдониҳои футболи Осоишгоҳи «Баҳористон» ва Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ҷараён гирифт, 7 дастаи Лигаи олии мамлакат, дастаи наврасони то 17-солаи кишвар, ки ба Чемпинати ҷаҳон-2019 дар Бразилия омодагӣ мебинад ва дастаи "Алга"-и шаҳри Бишкеки Қирғизистон иштирок карданд.

Дар бозии финалӣ дастаҳои "Истаравшан" ва КМВА "Помир" вориди майдон шуданд. Вақти асосии бозӣ ғолибро муайян накард (1:1). Дар задани силсилаи зарбаҳои ёздаҳметра бахт ба рӯи артишиҳо хандид. Дарвозабони КМВА "Помир" Меҳвар Сулаймонов, ки ду зарбаро гардонд, қаҳрамонӣ бозӣ дониста шуд. Дар бозӣ барои ҷои сеюм "Хуҷанд" бар дастаи "Панҷшер" ғалаба кард – 1:0. Ягона голро Дилшод Бозоров ба ҳадаф расонд.

ҶУДО

САМБОЧИЁН
аз Ҷоми ҷаҳон ду медал оварданд

22-23-юми март дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия Ҷоми ҷаҳонии самбо ба хотираи Анатолий Харлампиев баргузор шуд, ки паҳлавонони тоҷик сазовори ду медали биринҷӣ гардиданд.

Чемпиони ҷаҳон дар намуди самбо Хушқадам Хусравов дар вазни -62 кг бар варзишгарони Нидерланд (Нияк Ланейеретс), Эстония (Вадим Фомин) дастболо шуда, сипас аз варзишгари мизбон Владимир Березовский, ки ғолиби ин вазн гардид, мағлуб шуд. Хушқадам барои ҷои сеюм намояндаи Муғулистон Унуболд Лхагвачамтсро шикаст дод.

Варзишгари дигари мо Бахтовар Абдуллоев дар вазни -100 кг дар намуди самбои размӣ низ сазовори медали биринҷӣ шуд.

Ду намояндаи дигари тоҷик Файзиддин Абдуллоев дар самбо, вазни -90кг ва Сорбон Латипов дар самбои размӣ, вазни -62кг аз медалҳо бенасиб монданд.

Тибқи иттилои сомонаи расмии Федератсияи байналмилалии самбо, дар мусобиқа 250 варзишгар аз 33 кишвар ширкат карданд.

ЛИГАИ ОЛӢ

ЧОР МЕДАЛИ ҚАИҚРОНҲОИ ТОҶИК АЗ ҲИНДУСТОН

Дастаи мунтахаби қайиқронҳои Тоҷикистон дар Ҷоми кушоди ҷаҳон, ки 23-25-уми март дар шаҳри Бҳопали Ҳиндустон баргузор шуд, сазовори 4 медал - 1 тилло, 1 нуқра ва 2 биринҷӣ гардиданд.

Варзишгари шинохтаи кишвар Шаҳриёр Даминов дар масофаи 500 метр, каноэи якнафара (С-1) бо натиҷаи 00:25.949 сазовори медали тилло шуд. Дар ин масофа ҷои дуюмро Куан-Чиеҳ Лай (Тайпей) бо натиҷаи 00:26.069, ҷои сеюмро Гаврав Томер (Ҳиндустон) бо натиҷаи 00:27.087 ба даст оварданд.

Шаҳриёр, ҳамчунин, дар масофаи 200 метр медали нуқра ва дар масофаи 1000 метр бо натиҷаи 04:34.921 медали биринҷӣ ба даст оварда. Дар масофаи 100 метр Сунил Сингҳ Салам (Ҳиндустон) бо натиҷаи 04:14.493 ғолиб шуд. Ҷои дуюм насиби Куан-Чиеҳ Лайи тайпейӣ бо натиҷаи 04:17.311 гардид.

Медали дигари биринчиро Зоҳирҷон Набиев ва Нурмуҳаммади Тоҳир дар байдаркаи 2-нафарӣ (К-2) дар масофаи 500 метр бо натиҷаи 01:5.806 сазовор шуданд. Дар ин қувваозмоӣ ҷуфти варзишгарони Португалия бо натиҷаи 01:43.769 ҷои аввал, ҷуфти варзишгарони Ҳиндустон бо натиҷаи 01:45.279 ҷои дуюмро ишғол карданд.

Дар мусобиқа варзишгарони 14 кишвар – Кения, Қазоқистон, Малайзия, Мянма, Нигерия, Португалия, Тайбэйи Чин, Тоҷикистон, Тунис, Украина, Филиппин, Ҳиндустон, Ҳонг Конг, Шветсия ширкат карданд.



ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

Варзишгари Тоҷикистон Далер Ризозода дар Чемпионати гуштии Осиё миёни ҷавононӣ то 23-сола сазовори медали нуқра гардид.

Далер ягона намояндаи Тоҷикистон дар намуди гуштии юнонӣ-римӣ дар вазни 72 кг нахуст бар варзишгари Ҳиндустон Ашу Ашу (9:0), сипас бар намояндаи Муғулистон Телмен Пуревбаатар (9:0), дар нимфинал бар варзишгари Қирғизистон Бек Конурбоев бо ҳисоби 6:4 дастболо шуда, ба финал роҳ ёфт, вале дар қувваомӯ барои медали тилло аз намояндаи Эрон Амин Ковиёнинажод шикаст хӯрд (0:9) ва ҷои дуюмро ишғол кард. Чемпионати Осиё аз 21 то 24-уми март дар шаҳри Уланбатори Муғулистон баргузор шуд, ки дар он варзишагрони 11 кишвари Осиё иштирок карданд.

***

Дар Аврупо вохӯриҳои интихобии Чемпионати футболи Аврупо-2020 оғоз шуд. Аксари дастаҳо аллакай ду бозӣ карданд.

Чемпиони феълии ин қора Португалия дар ду бозӣ ду мусовӣ кард. Дастаҳои Белгия, Полша, Ирландияи Шимолӣ, Фаронса, Туркия, Англия, Италия, Испания ва Ирландия бе бохт шаш имтиёзӣ ба даст оварданд. Украина, Швейсария, Шветсия, Босния ва Ҳерзоговин, Юнон, Македонияи Шимолӣ ва Исроил чор имтиёзро соҳиб шуданд. Дастаи мунтахаби Русия дар бозии якум аз Белгия шикаст (1:3) хӯрд ва дар бозии дуюм Қазоқистонро мағлуб (4:0) кард.

***

Ин ҳафта дар тамоми қитъаҳои олам бозиҳои рафиқонаи футбол баргузор шуданд.

Нвтиҷаи ин бозиҳо чунин шуд: Чехия - Бразилия - 1:3 (1:0), Марокко - Аргентина - 0:1 (0:0), Кот-д'Ивуар - Либерия - 1:0 (0:0), Нигерия - Миср - 1:0 (1:0), Сенегал - Мали - 2:1 (0:0), Мексика - Парагвай - 4:2 (3:0), Коста-Рика - Ямайка - 1:0 (1:0), Корея - Колумбия - 2:1 (1:0), Ҷопон - Боливия - 1:0 (0:0), ИМА - Чили - 1:1 (1:1), Гондурас - Эквадор - 0:0. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон имсол то ҳол ягон вохӯрии рафиқона анҷом надодааст.



ТЕСТИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ

БИЁБОНИ БУЗУРГИ ГОБИ ДАР КУҶО ҶЙГИР АСТ?

а) Осиё, *б) Африқо,*
в) Амрикои марказӣ, *г) Амрикои марказӣ.*

ГУЛӮГОҲИ ГИБРАТАР ИСПАНИЯРО АЗ КУҶО ҶУДО МЕНАМОЯД?

а) Алҷир, б) Лубнон,
в) Марокаш,

КАДОМ ДАВЛАТ МИЁНИ ТУРКҲОВУ ЮНОНИҲО ТАҚСИМ ШУДААСТ?

а) Кипр, *б) Туркия,*
в) Юнон, *г) Лубнон.*

АЗ ҲАМА ДАВЛАТИ БУЗУРГТАРИНИ АВРУПО КАДОМ АСТ?

а) Фаронса, *б) Россия,*
в) Британияи Кабир, *г) Олмон.*

ХАРОБАҲОИ СПАРТА ДАР КУҶО ҶОЙГИР АСТ?


а) Юнон, *б) Италия,*
в) Испания, *г) Анлия.*

КАЛИДWORD

							8	4	16	14	12										
						9	■	14	■	4	■	4									
					3	7	15	15	2	В	2	10	12								
				14	■	15	■	2	■	13	■	2	■	7							
			5	18	15	15	2	■	14	2	15	1	4	8	13						
		3	■	10	■	2	■	14	■	Г	■	4	■	13	■	Ч					
	15	4	3	5	4	■	3	4	1	4	10	■	14	18	10	7	8				
14	■	10	■	4	■	11	■	5	■	10	■	14	■	8	■	15	■	1			
4	6	6	4	■	6	4	14	4	15	■	13	18	8	20	13	7	13	4			
1	■	2	■	5	■	5	■	10	■	14	■	9	■	12	■	5	■	10			
3	4	8	9	4	1	7	15	■	16	18	10	21	22	■	2	6	7	16			
12	■	7	■	6	■	10	■	1	■	10	■	13	■	6	■	4	■	12			
	7	13	13	7	2	■	14	2	1	18	8	■	14	4	Ъ	13	12				
		4	■	13	■	19	■	3	■	10	■	6	■	15	■	18					
			9	4	14	2	10	4	3	■	9	4	15	4	1						
				8	■	15	■	5	■	18	■	1	■	17							
					6	4	1	6	4	8	9	7	10								
						1	■	7	■	16	■	10									
							4	8	9	12	10										

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18	19	20	21	22
Б	О	Т	А	М	К	И	Н														

ТАҲИЯИ С.РОЗИҚЗОДА





УСМОН ОЛИМ,
шоир, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Камоли Хуҷандӣ

Фидоумрӣ

(ба фарди накуном Амиршо Миралиев)

*Ватандӯстӣ ҳамеша чун Сталин,**
Бақои умри инсон ҷовидон аст.
Фидоумрӣ ба нафъи халқу миллат,
Ба гуфти пири Тӯсӣ достон аст.

Ҳазарсозӣ зи акрабхӯи миллат,
Зи ҳар ҳарфи авастоӣ тамиз аст.
Насибаш мешавад аз Ҳақ таоло,
Тамоми умри худ фарди азиз аст.



Фидоумрӣ ба сони Садри миллат,
Бинои сулҳу ваҳдат Бесутун сохт.
Алайҳаш ҳар касе иблисӣ бинмуд,
Зи тори Бесутун бо сар нагун сохт.

Яқинам, хоки Хатлон то кунун ҳам
Ҳамеша лавҳаноми он Амиршоҳ.
Туфайли солҳои сарварияш
Ба Хатлон зам намудӣ ҳусни сад Моҳ.


Агарчӣ солҳо маснаднишин буд,
Зи боди манманӣ умран, валле дур.
Ба мискине даме ҳамдам чу гардад,
Ба айни дурбинаш медамад нур.

Сухан гуфтан, вафо кардан ба як рӯ,
Ҳамин танҳо ба ӯ дунёӣ метофт.
Вале оне ба маҳфил дузабон шуд,
Зи тири ҳарфи ӯ мушхона мекофт.

Зи покиву вафодорӣ ба Меҳан
Ба ҳар манзил сараш гардунписанд аст.
Паёми Пешво доим ба ҷайбаш,
Миёни пиру барно пандманд аст.

Нукоти охирини Ҳоҷӣ инак:
—Тафохур кун диёрам, Тоҷикистон.
Ҳамин сон фардҳои мутаккоят,
Ба ҳар хитта ҳамесабзад фаровон.

*** Шахсияти Иосиф Виссароионович Сталин, ки бо сиёсати хирадмандонаи ӯ СССР (ИҶШС) дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ғолиб омад, ҳамчун образи ватандӯсту ватанпарвар сабти таърих аст.**



НУРАЛИ АВАЗ

Шукрона

Шукрона менамоям озодии замонро,
Осоишу амонӣ, ободии маконро.

Бо ранҷҳои сарвар, Ваҳдат бишуд муяссар,
Шодӣ бишуд саросар ҷои ғами гаронро.

Ин хоки чун биёбон, аз нав бишуд гулистон,
Бишкуфта боғу бӯстон, бегона шуд хазонро.

Аз Рашт то Бадахшон, Вахшу
Хуҷанду Хатлон,
Бо сулҳу ваҳдати худ овоза шуд ҷаҳонро.

Рахшид моҳу анҷум, хушҳол гашт мардум,
Гул мекунад табассум шодист ҳар ҷавонр.

Ин мулки Тоҷикистон, ҳамчун атои Яздон,
Бахшид умри тоза армони тоҷиконро.

Давлат бишуд дигаргун, шуд
эътибораш афзун,
Партавфишон ливояш бигрифт осмонро.

Меҳраш сароям аз ҷон, чун шоири
ғазалхон,
Бо ин Ватан биёбам дунёи ҷовидонро.

Тоҷику қарлуғ

Аз азал тоҷику қарлуғ дӯст бо
ҳамдигар аст,
Дар набарди зиндагонӣ ҳамдигарро
ёвар аст.
Ҳар кӣ таърих хондааст донад, ки
дар ҳифзи Ватан,
Ҷонфидои ҳамдигар ҳамчун акою
додар аст.
Зоҳиран аз якдигар фарқе надоранд
аз азал,
Дар симо тоҷику қарлуғ нусхаи
ҳамдигар аст.
Модарашро тоҷику қарлуғ гӯяд очаҷон,
Ду забон якҷоя гардад ҳамчу ширу
шаккар аст.
Духтари қарлуғ мисли нусхаи
Таҳмина аст,
Ҳамчу мардон асптозасту аҷоиб
дилбар аст.
Асрҳо бигзашту аслое намеёбад завол,
Ин бародархондагӣ қиматтар аз
симу зар аст.
Шукри ин даврону мулки
Тоҷикистон мекунем,
Парчами иқболи мо тобанда болои
сар аст.



ҶӮРАИ ҲУСНОБОДӢ

Падарҷонам

Падарҷонам, нишоти зиндагониям
ту будастӣ,
Падарҷонам, суруди навҷавониям ту
будастӣ.
Падарҷонам, ба сар тоҷу ба дастам
теғи бурроне,
Хушиҳои ҳаёти инҷаҳониям ту будастӣ!

Зи ту омӯхтам дарси вафову
меҳрубониро,
Ба душман тундгӯӣ, баҳри ёрон
хушзабониро.
Ба пирон саҷда кардан, бар ҷавонон
панд доданҳо,
Ба меҳнат ёр будан, таъна кардан
нотавониро!

Дарахтеро, ки биншодӣ, ба бар
имрӯз мебинам,
Саропо шаҳду шакар, пургуҳар
имрӯз мебинам.
Писарҳое, ки парвардӣ, шудастанд
номбардорат,
Ба ҳар як панҷа гӯӣ сад ҳунар имрӯз
мебинам!

Гумонам, дар биҳишти аднию дар
сояи Тӯбо,
Ҳамеша дар хаёли мо, ҳамеша дар
хаёли мо.
Дар ин дунё саросар зиндагоният
биҳиштӣ буд,
Биҳишт адн ҷоят, эй падарҷон,
андар он дунё!

***

Дар фалак дӣ з-оҳи ҷони ман дили
ахтар бисӯхт,
Гӯ, дили ахтар чӣ бошад, меҳру маҳро
пар бисӯхт!

Гашт равшан кандани Фарҳод ҷӯи ширро,
Санг чӣ, аз заҳмати ӯ кӯҳи бому
дар бисӯхт!

Сӯфиён андар самоъ оянд агар дар
майкада,
Бегумон донед, ки з-он шуъла хушку
тар бисӯхт.

Воизи афсурда дарди ошиқонро
мункир аст,
Дидам ин ки з-оҳи ошиқ ҳамраҳи
минбар бисӯхт.

Эй, ки месӯзию дилҳоро ту афсун мекунӣ,
Ҳар дили афсурда аз сӯзи ту аз
дигар бисӯхт.

Хуснободӣ бидида ваъдаҳои бардурӯғ,
Кӯрии дилро кушоду дафтару
бовар бисӯхт!

НИЗОМИ АБДУҶАЛИЛ

Ман абри баҳоронам

Ман абри баҳоронам,
Як силсила боронам,
Чун шир ба найсонам,
Бар сабзаву гул ҷонам.

Мебораму меборам,
Мебораму меборам.

Бар дашту даман борам,
Бар кӯҳу чаман борам,
Ман ба ҳама яксонам,
Тақсир намедонам.

Мебораму меборам,
Мебораму меборам.

Аз дил шарар ангезам,
Бо меҳр даромезам,
Бо шуълаи хуршедӣ,
Бар ҳалқи замин резам.

Мебораму меборам,
Мебораму меборам.

Дубайтӣ

“Сари кӯҳи баланд истода бошӣ”,
Чу субҳи тозарӯ озода бошӣ.
Бифаҳмӣ то дили бишкуфта эй гул,
Худо гӯям чу ман дилдода бошӣ.
***
Меҳри ту ба сина ҳамчунон мемонад,
Мо пир шудему он ҷавон мемонад.
Симои азизи ту чӣ дар дида, чӣ дил,
Гулғунчаи сабзи гулфишон мемонад.


САИДМУРОД РАСУЛӢ

Хушово

Бахшида ба 70-солагии овозхони маҳбуб Тоҷиддин Муҳиддинов



Бигзашт умри ҳофиз бо шеъру бо
тарона,
Мехонд ӯ тарона аз қалб ошиқона.
Ҳар рӯз шод мекард қалби ҳазор мухлис,
Бо сози хушнавояш, бо лаҳни булбулона.
Хушнуд кардани халқ аз беҳтарин
ҳунарҳост,
Як хизмти бузургест, иқдоми
бекарона.
Шуд ифтихори меҳан, ҳам фахри
мардуми хеш,
Бо санъати баландаш, бо кори
содиқона.
Ҳаргиз нарафт аз ёд, бошад ҳамеша
зинда,
Овозашу навояш ҳастанд ҷовидона.



БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРЎШАМ

► 5-ХУҶРАГӢ

► 5-ҳуҷрагӣ, 95 м кв., ошёнаи 4-уми бинои 4-ошёнаи хиштин, бо мебел ва таъмиршуда. Даро ва зиндагӣ кун, суроға дар паси Маркази савдои "Саодат", кӯчаи Шамсӣ. Тел: 909-22-44-71.

► ҲАВЛӢ

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 915-06-55-06, 987-729-802.

► Хона дорои 6 ҳуҷра, ноҳияи Рӯдакӣ, нархаш шартномавӣ. Тел: 903-02-94-24, 904-45-53-55.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои куҳна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16.

► Сантехник, ивази қубурҳо, насби термекс ва ғайра. Тел: 917-66-04-11.

ОМӮЗИШ

► Тайёр кардани мактаббачагони синнимактабӣ. Зебо гардонидани ҳусни хатти хонандагони синфҳои аз 1 то 4. Тел: 987-53-45-75.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда ба номи Куканшоева Нигина Музаффаровна курси чоруми ихтисоси 96010102 факултети хизмати молиявӣ ва гумрук беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А4105975-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи И.Сомонӣ 29.05 соли 2006 ба Раҷабов Ҷавад Ҳабибович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А8028156-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 27 марти соли 2014 ба Ибрагимова Фируза Бахтиеровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати Т-АТУ-1-0094362-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 -и ноҳияи соли 2014 Ҳамадонӣ ба Шарофиддини Бобо беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон соли 2015 ба Одинаев Саймуҳаммад Бахтиёрович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Қурбонова, хонаи 27 ба Афанасьев Юрий Николаевич беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0510150- гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7 -и ноҳияи И.Сомонӣ соли 2018 ба Саидов Суҳроб Ҳикматуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Д 17622-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрӣ ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2017 ба Шарифи Изатуллозода додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-2 -и ноҳияи Сино соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 45/3, ҳуҷраи 8 ба Шарипова Дилором Анваровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0333593, рақами қайди №16314-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи А.Ҷомӣ ба аъзоёни хоҷагии деҳқонии "Амир"-и ноҳияи А.Ҷомӣ, ҷамоати деҳоти 50-солагии Тоҷикистон 30.04 соли 2012 с. таҳти №239 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии бо серияи А00582545-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Муъминобод 22.07 соли 2016 ба Маҷидов Саидраҳмон Сайҷафарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0158809-и гумшуда, ки онро Литсеи техникии ба номи академик М.С.Осимӣ соли 2015 ба Саидҳомидов Маҳмадали Саидмаҳмудович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродии №0271516, РЯМ 0330030195, РМА 045255408 –и гумшуд, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 12.03 соли 2017 ба Фатҳуллоева Шафоат Арифовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ҳаштуми № БП 091246-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №46-и ноҳияи Сино соли 1970 ба Шарипова Саломат Тоҷидиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0004221-и гумушда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 -и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2014 ба Мухторов Усмон Саломатшоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи афсарии Вазорати мудофиаи ҶТ, қисми ҳарбии 07820-и шаҳри Бӯстон таҳти рақами 002845, ки соли 2018 ба Саидов Меҳроб Изатулоевич додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

ЗОДРӮЗ МУБОРАК



Бародари беҳтар зи ҷон, олими варзидаи ҷаҳон, доктори илмҳои физика математикаву кандидати илми таърих, академики Академияи омӯзгорию ичтимоии Федератсияи Россия, Проректори Университети ба номи Н. Хусрав Абдулхайхоҷа Комилӣ туро ба муносибати зодрӯзат табрик намуда, бароят ҳама хушиҳои зиндагиро орзумандем! Хоҳони онем, ки худ хоҳони они! Илоҳо, фотеҳи қуллаҳои баландтарини илм ва боиси ифтихори ҳамаи донишмандон бошӣ!

Бо эҳтиром бародарон.

ЗОДРӮЗ МУБОРАК



Зодрӯз муборак, Солеҳов Аёмиддин! Шуморо бо ҷашни фархундаи милод сидқан муборакбод гуфта, таманнои онро дорем, ки гули ханда ҳеҷ гоҳ аз лабонатон дур нагардад. Хушбахтии безавол ва амалӣ гаштани тамоми орзуҳои некатонро бубинед. Даст ба дуо мебардорем, ки борони файзу баракати Худованд бар сари шумо ва аҳли хонадонамон биборад.

Фақат бошад табассум дар лабонатон,
Илоҳо, дард набинад ҷисму ҷонатон.
Расад сад сол умратонро баҳорон,
Умеду орзу бинед умре хандон.

Аз номи кормандони шуъбаи қабули эълонҳо.

СӮГВОРӢ

Гурӯҳи рафикон аз марги нобаҳангоми собиқ консули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморати Муттаҳидаи Араб

АБДУРАҲМОН АЮБОВ

сахт андуҳгин буда, ба наздикони эшон аз даргоҳи Худо сабри ҷамил таманно доранд.

JOB VACANCIES


UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, good governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **ICT Associate** (UNDP Country Office; **Contract Type:** FTA/G7; **Duty Station:** Dushanbe; **Deadline:** 08 April 2019);
Link to apply:
https://jobs.partneragencies.net/erecruitjobs.html?JobOpeningId=21758

- **Project Civil Engineer** (UNDP project 'Promoting Cross-border Cooperation through effective management of Tajikistan's border with Afghanistan' (BMP); **Contract Type:** Service Contract/SB3; **Duty Station:** Dushanbe; **Deadline:** 08 April 2019);
Link to apply:
https://jobs.partneragencies.net/erecruitjobs.html?JobOpeningId=22269&hrs_jo_pst_seq=1&hrs_site_id=2

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job.** Applications without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook: **http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**



НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ


- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10
- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17
- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54
- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).
- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.
- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».
- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.
- Кӯчаи Маяковский 46
- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.
- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ

ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Қурғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».





БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД

Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?

Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?

Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?

Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар куҷое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.

Барои ин ба шумо лозим аст:

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?

Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.

Телефон барои маълумот: 238-61-61

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT
ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

ТАВАҶҶУҲ!!!

ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:

- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj



ТОЛЕЪНОМА



Ҳафта барои ҳамалҳо бобарор ба шумор меравад. Рӯзи сешанбе даромади калони пулӣ табъатонро болида мегардонад. Нимаи дуюми ҳафта эҳтиёткориро пеша кунед, чунки бемасъулиятии дӯстонатон шуморо дар вазъияти ногувор мемонад. Кӯшиш кунед, ки вазъиятро ба дасти худ бигиреду ҳамаи паҳлуҳои корро дар мизони ақл баркашед. Табъи ҳамали муҷаррадро охири ҳафта ошиқаш бо туҳфаҳои гаронбаҳо болида мегардонаду ба бархе таклифи хонадоршавӣ мекунанд.



Ин ҳафта бо ташвишҳои пай дар пай дар хонаву ҷойи кор саргаранг мешавед. Дар масъалаҳои корӣ ягон ҳуҷҷатро насанҷида, имзо накунед, вагарна хавфи сахт фиреб хӯрданатон вуҷуд дорад. Даромади пулиро зодагони ин бурҷ нимаи дуюми ҳафта ба даст меоваранд. Мардҳо якуякбора ба ду бону дил баста, дар интихоб ҳайрон мемонанд. Якеро интихоб карда, аз дувуми дурӣ ҷӯед.



Ин ҳафта ҷавзоҳо роҳҳои ба тиҷорат машғул шуданро меҷӯянд. Дар коргоҳатон каме нофаҳмӣ пеш омада, боиси ҷангу ҷанҷол гашта, обрӯятонро дар байни дӯсту душман мерезонад. Худро ба даст бигиреду ба эҳсосот дода нашавед. Бехуда нагуфтаанд: «Сухани ширин морро аз хонааш мебарорад» бо лутфу хушгӯӣ дили сардоратонро ёбед, то кафшатонро пеши поятон нагузорад. Нимаи дуюми ҳафта гапи ҷавзоҳои муҷаррад бо ошиқонашон мегурезад. Кӯшед, ки аз ҳад зиёд дағалаӣ накунед, вагарна ба решаи бахтатон бо дасти худ теша мезанед.



Ситораҳо ба саратонҳо харидуфурӯш, ҳатто қарз доданро тавсия намедиҳанд. Харидатон бебарор ва қарзи додаатон дарди сар мешавад. Нимаи дуюми ҳафта саратонҳое, ки бемории фишорбаландӣ доранд, каме нотоб мегарданд. Фаромӯш насозед, ки табиби ҳар кас пеш аз ҳама худаш аст. Охири ҳафта бо аракӣ ҷабин каме маблағ ба даст меоред. Пулҳоятонро эҳтиёткорона сарф кунед, вагарна то охири моҳ аз бепулӣ азоб мекашед. Барои мулоқоти ошиқона ва изҳори муҳаббат ҳафтаи созгор нест.



Ҳафтаи нав бо шунидани хабари хуш оғоз мешавад. Агар хоҳед, ки нақшаҳоятон барбод нараванд, хушхабарро аз дӯстонатон пинҳон кунед. Нимаи дуюми ҳафта дар коргоҳ ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо эҳтиёт бошед, вагарна хатоҳои кардаатон дарди саратон хоҳад шуд. Беаҳамиятиро як сӯ гузошта, худро назди дигарон гапшунав накунед. Рӯзи ҷумъа омадани меҳмонҳоро интизор бошед, зеро дӯсти роҳдуратон барои дидорбинӣ меояд.



Сунбулаҳоро лозим меояд, ки забонашонро аз ғайбат ва иғвоангезӣ нигоҳ доранд, вагарна ба ҳолати ногувор дучор мешаванд. Ба гӯшатон хабаре мерасад, ки гӯё дӯсти наздикатон дар бораи шумо гапу гапчаҳо паҳн мекардааст. Сабур бошеду дӯстатонро назорат кунед ва агар овозаҳо ҳақиқат дошта бошанд, худро аз ӯ дур бигиред. Нимаи дуюми ҳафта сарчашмаи нави даромад пайдо мешаваду имкониятҳои зиёдро ба рӯятон боз мекунад.



Ин ҳафта орзуҳои деринатон дар пояи амалишавӣ қарор доранд, аз ин рӯ эҳтиёткор бошед ва кӯшед ягон амале содир накунед, ки боиси ранҷиши роҳбарон ва ба хоки сияҳ яксон гаштани орзуҳоятон гардад.

Нимаи дуюми ҳафта гирифтани вазифаи нав дар назар аст. Ҳангоми нақшаи кориатонро тартиб додан кӯшед, ки ба хатогӣ роҳ надиҳед, чунки мушкилиҳои зиёдеро барои худ пеш меоред.



Дар коргоҳатон бисёр тағйиротҳо шуморо интизор аст. Вазифае, ки пеш иҷро мекардед, шояд насиби дигарон шавад. Озурда набошед, чунки мартабаи баландтаре шуморо насиб гашта, вазъиятро дигаргун мекунад. Нимаи дуюми ҳафта даромади калони пулӣ имкони харидани чизи дилхоҳатонро пайдо мекунед. Ташвиш накашед, замони кампулиатон гузашту қарзро бо осонӣ баргардонида метавонед. Ҷумъа ба даргоҳи ақрабҳои муҷаррад қадам гузоштани хостгорҳои деринтизор дар назар аст. Ба ҳамсафари ҳаётиатон бештар муҳаббат кунед.



Давоми ҳафта қавсҳо бояд аз навиштани мактубҳои вобаста ба ҳамкорӣ ҳатто тариқи интернет худдорӣ намоянд, чунки дар ин рӯзҳо бастани шартнома ва имзо намудани ҳама гуна ҳуҷҷатҳо бебарор анҷом меёбад. Нимаи дуюми ҳафта ҳангоми сайри мағозаю бозор аз ҳамёнатон бохабар бошед. Охири ҳафта саломатиятон каме наздиконатонро ба ташвиш меорад, вале форағболии дӯстдоштаатон боиси малоли хотиратон мегардад.



Аввали ҳафта ҷаддиҳо дар харидуфурӯш каме ба хатоӣ роҳ медиҳанду ҳангоми додани пул фиреб мехӯранд. Аз ин рӯ, бодиққат бошеду ба саросемагӣ роҳ надиҳед. Даромади хуб ба даст оварда, баргардонидани қарзҳоро фаромӯш насозед. Нимаи дуюми ҳафта ҷаддиҳои ронанда бояд дар роҳ эҳтиёт шаванд, хавфи ба садама дучор шуданатон вуҷуд дорад. Дар ҷодаи ошиқӣ ҷаддиҳоро каме нокомӣ интизор аст. Эҳтимоли бо дӯстдоштаатон ҷанҷол кардан аст.



Давлҳоро мебояд каме зираку хушёр бошанд, чунки шарикони корияшон ба чашмашон хок пошиданӣ мешаванд. Вазъиятро беназорат нагузоред. Нимаи дуюми ҳафта дар коргоҳатон иғвоангезон нағмаи навбатиро ба кор мебаранд. Агар бо факту рақамҳо туҳматро исбот кунед, худро аз ин бало мераҳонед, дар акси ҳол нохушиҳо домангиратон мегарданд. Ҷумъа ситораҳо ба далвҳои ошиқ тавсия медиҳанд, ки дар масъалаи издивоҷ хулосабарорӣ накунанд, вагарна интихоби нодуруст оқибат пушаймонӣ меорад.



Аввали ҳафта ҳутҳоро айёми ноором дар назар аст, зеро дар идорааатон ҳангоми муошират бо ҳамкорон ва ҳатто роҳбарият каме ба нописандӣ роҳ медиҳеду худатонро дар назди онҳо беобрӯ мекунед. Кӯшиш кунед, ки хатоҳои сарзадаро сари вақт бартараф намоеду бахшиш пурсед, вагарна хавфи бекор монданатон дар назар аст. Мағрурӣ карда нони гарму ҷои нарми худро бо як рафтори беақлона аз даст додан кори оқилона нест.



ҲАЙДМАРИ ШВЕРМЕР

бонуе, ки 17 сол бидуни пул зиндагӣ кард

Дар бораи табиби олмонӣ Ҳайдмари Швермер расонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ зиёд навиштанду мусоҳибаҳо карданд ва ҳатто филмеро ба навор гирифтанд.

Вай давоми беш аз 17 сол бидуни пул зиндагӣ намудааст. Дар яке аз шаҳрҳои Олмон зиста, зиёд сайёҳат низ менамуд. Худро озод ҳис мекард ва аз касе вобаста набуд. Ҳамон тавре зиндагӣ мекард, ки худаш мехост. Беш аз 20 соли зиндагии худро ба пешаи омӯзгорӣ бахшида, сипас табиби равоншинос шуд.

Ҳамааш аз ҷудошавияш сар шуд. Дар синни 47 - солагӣ аз шавҳараш ҷудо шуда, бо духтаронаш ба шаҳри Дортмунд омад. Дар хиёбонҳои шаҳр одамони зиёдеро дучор шуд, ки бехонаю қашшоқ буданд. Ҳини табобати равонӣ ва кор бо онҳо ҳис мекард, ки дар дунё тавозуни некию бадӣ зиёд шуда, арзишҳои аслӣ гум шуда истодаанд...

«Бидеҳ ва бигир»

Ба андешаи ӯ, аз пул дида арзишҳои муҳимтаре барои инсон мавҷуд аст. Аз ин хотир Ширкати мубодилавии «Бидеҳ ва бигир» (Gib und Nimm)-ро таъсис дод. Идеяи асосии ин ташкилот аз он иборат буд, ки ба якдигар кумак намуда, ба ивазаш пул намеситонед ва танҳо бартер мекунед. Мақсади асосии таъсиси ин созмон ёрӣ ба бехонагону камбағалон буд. Вале на ҳама камбизоатон ин идеяро мефаҳмиданд ва дастгирӣ мекарданд. Онҳо мегуфтанд: Шумо як бонуи таҳсилкардаю муваффақ ҳастед ва аз дунёи мо бехабаред...Ҳайдмари пас аз ин тасмим гирифт, ки дар худаш таҷриба гузаронад. Вай ба ҳайси зарфшӯ дар яке аз тарабхонаҳои маҳаллӣ ба кор даромад. Соли 1996 бошад, ба таҷрибаи чиддитаре даст зад. Қарор дод, ки як сол бидуни пул зиндагӣ намояд. Ғизо, ҷои зист ва дигар лавозимоти асосии рӯзгузарониро хост бар ивази корҳояш дарёфт намояд. Суратҳисоби бонкиашро маҳкам намуда, ашё ва дороиҳои худро ба мухтоҷон тақсим кард. Фарзандонаш бошанд, ба ҷои дигар кӯч бастанд. Вай монду як ҷомадонаш. Дар ҷомадонаш чанд ҷуфт пойафзол ва аксу китобҳо буду халос. Албатта, ба ҳар эҳтимол 200 евро пулро низ гузошт, то дар лаҳзаҳои заруртарин истифода барад. Вале давоми даҳ сол лозим наомад, ки ин пулҳоро масраф намояд.

Дасткашӣ аз пули нақд

Вай тамоми чизҳои асосиро бар ивази меҳнаташ ба даст меовард. Масалан, супермаркетеро рӯбучин намуда, ба ивазаш ғизо мегирифт. Агар аз хизмати машшотаҳо истифода бурданӣ шавад, саги онҳоро ба гардиш мебароварад. Ба корҳои хоҷагидорӣ ёрӣ дода, ба кӯдакон нигаҳбонӣ мекард. Инчунин, ба ҳайси равоншиноси касбӣ кор мекард. Байни одамон суҳбатҳо гузаронида, ба ивазаш ҷои хоб ва ғизо мегирифт.

Соли 2003 китоби худро бо номи «Эксперимент. Зиндагии ман бидуни пул» нашр намуд. Соли 2010 бошад, дар бораи ӯ филми ҳуҷҷатӣ бардоштанд. Тамоми гонорарҳои худро ба корҳои хайриявӣ сарф намуд.

Нафақа лозим нест...

Баробари расидан ба нафақа Ҳукумати Олмон ба ин бону 800 евро нафақапулӣ муқаррар намуд. Дар аввал вай хост аз нафақагирӣ даст кашад, вале ба хулосае омад, ки ин маблағро метавонад ба онҳое, ки муҳтоҷ ҳастанд, тақсим кунад. Доир ба ҳаёти пиронсолияш низ зиёд фикр намекард. Ҳар вақте ки аз қувват мондам, фарзандонам маро назди худ хонда, парастorӣ мекунанд, мегуфт вай.

- Имрӯз одамон зиёд ба пулу мол дил бастаанд. Барои ин вақту қувваи зиёди худро сарф мекунанд. Вале дарк намекунанд, ки аслан пулу мол сарчашмаи хушбахтӣ шуда наметавонад. Ман мехостам исбот намоям, ки услуби дигари зиндагӣ низ вуҷуд дорад мегуфт вай. Талқин менамуд, ки инсон бояд қалби поку кушод дошта бошад ва дар бораи аҳамияти пул фаромӯш созад.

Ҳайдмари дар сини 72-солагияш, 23 марти соли 2016 бар асари бемории саратон аз дунё гузашт.

Тарҷумаи
Насрулло ТӮЙЧИЗОДА

На ФОҲИША будаму на ДУХТУР, вале...

Ганҷина бонуи ғайриодӣ буд. Бахташ омад накарду баъди соҳиби ду фарзанд шуданаш аз шавҳараш ҷудо шуд. Ҳарчанд шикасти бахт ӯро дилшикаста карда бошад ҳам, вале инро нишон намедод.



Ӯ ба хотири ду фарзанди гул барин зебояш тамоми ҳастиашро бахшида буд. Дар баробари таъмини зиндагии онҳо ба машқи бадан машғул буд. Ӯ дар суҳбате, ки вобаста ба саргузашти зиндагӣ ва гирифторшавӣ ба бемориаш доштем, чунин қисса кард:

Аз он ки фишорбаландӣ доштам, дар Маркази ташхиси хун ба ҳайси донор ҳар вақт хун месупоридам. Баъди супоридан худамро сабук ҳис мекардам. Дафъаи охирин ҳамроҳи писарам ба ин марказ рафтему хунамро супоридам ва баъди ду рӯз барои ҷавобҳояш, ки худам бисёр завқ доштам, пурсиданӣ рафтам. Рӯзи таваллудам буду писарамро ҳамроҳ гирифта, ваъда додам, ки бароят сихкабоб мегирам. Ҳамшира чун ҳарвақта маро хуб истиқбол гирифта, бо меҳрубонӣ ба назди сардухтур фиристод. Дилам тоҳ кашид, зеро шунида будам, ки бо ягон масъалаи ҷиддӣ бо сардухтур вохӯрдан мумкин буду халос. Хулоса, муддати қариб ду соат суҳбат карду гапро накушод. Дар пеши чашмам тамоми бемориҳоям мегузашт ва фикр кардам, ки шояд саратони хун бошам... Вале чашмам ба болои дафтарчае, ки болои мизи сардухтур меистод, афтод, ки дилам шигифт шуд. Зеро болои он ВНМО мусбат навишта шуда буд ва гуфтам, ки бетақдир будааст, бечора. Яке ному насабамро хондаму натавонистам, ки аз духтур пурсам, ки ин ман ҳастам. Баҳори 36 солагиам буд, ки аз бемориам огаҳ шудам. Ҳарчанд ҳар як ташхиси хун мусбат мебаромад, намехостам, ки ба ин ҳақиқати талх бовар кунам. Ҳамин тавр, 7 маротиба хун супоридам ва ҳамааш мусбат баромад.

Дар сарам як фикр буд, ҳар касе фаҳмад, як фикр мекунад, ки ман ё нашъамандам ё фоҳишаам ё ... Аз он ки маълумоти дуруст надоштам, фикр мекардам, ки ҳатто бо суҳбат кардан кӯдаконамро сироят мекунам. Ҳатто дар сари як дастурхон нишастан тарс доштам. Тамоми асбобу анҷомамро иваз кардам. Дар кучо мегаштам, фикр мекардам, ки ҳама дар бораи бемории ман медонанд. Вақте аз Маркази ташхиси хун баромадам, дод зада гиристам, зеро фикр кардам, ки фарзандони ман бе падар буданд ва бе модар мешаванд. Писарам, ки хурд буд, ақлаш нагирифт, ки чаро ин қадар гиря мекунам. Аз он рӯз писарам ҳамеша ба фарзанди дуюмам таъкид мекард, ки очаамро ғам надеҳ, ки худаш бемор аст, вале намедонист, ки чӣ гуна беморам. Хонаи хобамро бо матои сиёҳ парда карда будам, бо касе гап намезадам. Муддати панҷ рӯз аз хона берун намебаромадам, танҳо барои қазои ҳоҷат ва обнӯшӣ мебаромадаму халос.

Ин ҳолати ман модарамро нигарон карда бошад ҳам, чуръат намекард, ки аз ман пурсад ва аз писарам пурсидааст, ки духтур модаратро чӣ гуфт. Вале дар ҷавоб гуфтааст, ки намедонам. Модарам рафторамро медонист, ки ҳар чизеро, ки ёбам, дар даруни китобҳое, ки ҳамон вақт мутолиа мекунам, мегузорам. Вақте барои оббозӣ ба ванна даромадам, писарамро гуфтааст, ки ҳамон китоберо, ки айни ҳол хонда истодааст, кушо ва бин, ки аз дарунаш ягон варақ меғалтад. Хулоса модарам фаҳмид, ки ман ВНМО шудаам, вале ошкоро нагуфт.

Аз ҷиҳати равонӣ мушкилии зиёд доштам, шаш моҳ бо ман алоҳида кор карданд. Соатҳои дароз духтур Талбов бо ман суҳбат мекарду дар бораи беморӣ маълумот медод, вале қабул карда наметавонистам. Танҳо ҳамин шахс тавонист, ки маро дубора ба зиндагӣ баргардонад.

Ман миомаи бачадон доштам. Дар Тоҷикистон ҷарроҳӣ карда будаму ба муҳоҷират барои ба даст овардани қутти лоямут рафта будам. Тасаввур мекунед, ки 25 рӯзи кории маро надоданд. Дар ин ҳолат хеле асабӣ будам. Дар чунин ҳолати эҳсосотӣ хунрав шудам. Якбора хун рафту бемадор шудам. Вақте метро дар истгоҳ истод, маро фароварда, ба як нишастгоҳ шинонида, баъзеашон ба рӯям туф карданд, баъзеи дигараш болопӯшашонро бароварда, ба таги сарам гузоштанд. Ҳамин қадар дар хотирам аст, ки як нафараш мегуфт, ки ҳар касе набошад, инсон аст ва ба ёрии таъҷилӣ занг зад ва дигар чизеро дар хотир надорам. Баъди чор рӯз ба ҳуш омадам. Аз рӯи нақли ҳамшира хунам бисёр рафтаасту аз ҳафт нафар бе гузаронидани санҷиш ба ман хун гузаронидаанд.

Ба хотири фарзандонам, тамоми мушкилиҳоро паси сар карда, дорухоро мехӯрдам ва то ҳол мехӯрам. Дар ин давом мардҳои зиёд даъвати хонадоршавӣ мекунанд, лекин бо ҳар баҳона рад мекунам. Ҳамагӣ ба чанд нафари онҳо аз бемориам сухан кардаам. Лекин инро ҷиддӣ қабул накарда, “ин баҳонаи худат ҳаст гӯён”,- бовар намекарданд.

Аз ҳисоби асаб хеле вазнамро партофтам. Бар замми ин дарунрав шудам, қуввату дармонам рафт. Модарам дид, ки чизе намегӯям, ба наздаш даъват карду гуфт, наход ман модар бошаму ту аз ман сирратро пинҳон кунӣ, ман ҳамаашро медонам, вале хостам аз ту фаҳмам. Ман аввалин саволе, ки додам ин буд: “Оча, маро аз хонаатон пеш мекунед?” Модарам баръакс гуфт, ки зиқ наваш, ту умри дароз мебинӣ, танҳо асабатро вайрон накун халос. Лекин ман ба худам бисёр тамға мегузоштам ва маҳз ҳамин чиз маро хаста карда буд.

Вақте ман корро бо бемороні ВНМОдошта оғоз кардам, бо мардон, занон шабҳои дароз суҳбат мекунам, писарам рашк кард, мачбур шудам, ки барояш фаҳмонам, ки ман ҳам гирифтори ин беморӣ ҳастам. Барояш таъкид кардам, ки ман дар синни 25- солагӣ бе шавҳар мондам, ба роҳи бад нарафтам, айни ҳол таги чилсолагӣ қарор дорам, нав чунин корҳоро мекунам? Хулоса, онҳо низ фаҳмиданд, ки мушкилии ман дар чист. Як тарси дигар доштам, ки ба духтарам чӣ гуна мефаҳмонам? Вале ӯ аз рӯи дорухое, ки ман истеъмол мекунему маълумоте, ки аз брошюраҳое, ки гирифтаанд, медонистааст.

Имрӯз барои пайвандону атрофиёнам бехавфам, кӯшиш мекунам, ки ҳангоми кор бо корд дастамро набурам ва агар бурам ҳам, чораҳои бехатариро риоя мекунам, чунки солимии атрофиёну ҳамватанон орзуи ҳамешагии ман аст. Аз ин минбари баланд ба тамоми шумо - хонандагон гуфтаниам, ки аз тестҳое, ки барои саломатии шумо равона карда шудааст, гузаред ва худу атрофиёнатонро эмин доред.

ГАНҶИНА,
ш. Душанбе

ҶОН ЭКСПЕРТ

силро муайян мекунад

Сил бемории сироятӣ буда, сарчашмаи он шахси бемор мебошад. Аз ҳама манбаи хавфнокаш беморе мебошад, ки микроб хориҷ мекунад, зеро чунин беморон дар як шабонарӯз беш аз миллиард микроб хориҷ мекунанд, ки барои атрофиён хавфи бештар дорад.

Аз сил метавонад тамоми узвҳои бадан, ба ғайр аз дил, гирифтор шавад. Нишонаҳои ин беморӣ беҳолӣ, бемадорӣ, аракқунии шабона, ҳатто агар ҳаво сард ҳам бошад, таби на онқадар баланд, гум шудани иштиҳо, якбора партофтани вазни бадан, сулфаи зиёда аз ду ҳафта мебошад. Вақте дар худ ё ягон пайвандатон қисми зиёди ин нишонаҳоро бинед, ба наздиктарин марказҳои саломатӣ мурочиат намоед ва аз ташхис гузаред.

Сил бемории авлодист?

Лозим ба ёдоварист, ки сил бемории авлодӣ набуда, балки бо роҳҳои ҳавоӣ сироят мекунад. Ин бемориро бемории иҷтимоӣ низ меноманд. Чӯбчамикроби беморӣ дар вақти гап задан, сулфа задан ба масофаи то 1,5-2 метр паҳн мешавад. Роҳи дигаре, ки шахс сироят меёбад, сили модарзод аст. Яъне, кӯдаконе, ки аз модари гирифтори бемории сили пошхӯрда тавлид мешаванд ё ҳангломи таваллуд сироят меёбанд. Роҳи сеюми сироятро тамосӣ меноманд, ки кам ба қайд гирифта мешавад. Дар ин ҳолат микроб танҳо ба воситаи чои захмишудаи пӯст сироят мекунад. Шояд ҳар нафар мехоҳад, ки аз ин ташхис гузарад ва намедонад, ки ба кучо мурочиат кунад. Бемороно лозим аст, ки се маротиба балғам супоранд. Бояд қайд намоям, ки санҷиши балғам яке аз роҳҳои дақиқи муайн сохтани беморӣ буда, дар тамоми кишвар ройгон мебошад.

Сили устухонҳои бадан чӣ нишона доранд?



Абдурасул Сангов, мудири кафедари фтиза пулманалогияи ДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, доктори илмҳои тиб, профессор чунин шарҳ дод:

Микроби ба бадан воридгашта метавонад ба узвҳои гуногуни инсон, аз ҷумла, банду устухонҳо, сутунмуҳра, чашм, узвҳои дарунӣ, ғадудҳо, гурда, пӯст осеб расонад. Тибқи маълумумоти дар сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ бемориҳои сили ғайришушӣ аз 25 то 30 дарсадро ташкил медиҳад. Сили устухону бугумхо дар хамаи синну сол ба мушохида мерасад. Сили сутунмуҳра камтар аз сили буғуми кос, рону зону ба қайд гирифта мешавад. Барои дақиқ кардани ин навъи беморӣ тадқиқоти рентгению томографӣ, томографияи компютерӣ ва томографияи магнитию резонансӣ ҳатмӣ буда, дар марҳилаҳои аввалин бемориро ошкор мекунад.

Вобаста ба таъсири тамғагузорӣ барои пайдо кардани беморӣ ва табобати он чӣ таъсири манфӣ дорад, номбурда чунин гуфт: “Барои бартараф кардани мушкилиҳои бемории сил дар ҷои аввал тамағагузорӣ меистад. Тамғагузорӣ ин ҳуқуқпоймолкунии нафаронест, ки гирифтори бемории сил ҳастанд ва ин ҳолат дар раванди табобат ва муайян сохтани беморӣ боиси сар задани мушкилиҳо мегарданд. Маълумотнокии беморон ва атрофиёни онҳо оиди бемории сил имкон фароҳам меорад, ки беморӣ сари вақт табобат ёбад”.



Аслиддин Рачабзод, директори Маркази чумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил вобаста ба шумораи гирифторони ин навъи беморӣ дар муқоиса бо дах сол пеш чунин гуфт:

-Хушбахтона, сол то сол фавт аз бемории сил ва гирифторони ин беморӣ коҳиш ёфта истодааст. Масалан, фавт аз беморӣ зиёда аз 50 фоиз рӯ ба поинравӣ қарор дораду гирифторшавӣ дар муқоиса ба дах сол пеш, ки 85,7 нишондодро ба 100 000 аҳолӣ ташкил мекард, ҳоло ин шумора ба 26 нишондод расидааст.

Ҷон эксперт чист?

Табибон дар рафти суҳбат қайд карданд, ки ҳангоми паст шудани қобилияти муҳофизати бадан микробҳои сил фаъол гашта, бемории силро ба вуҷуд меоранд. Сабабҳои паст шудани қобилияти организм аз шароити пасти иқтисодӣ, корҳои чисмонии вазнин, хӯроки камғизо, майхорагӣ, нашъамандӣ ва ғайра маҳсуб ёфта, яке аз роҳҳои авҷгирии бошиддати бемории номбурда мегардад. Агар дар замонҳои пештар дар муддати се рӯз чӯбчамикроби силро пайдо мекарданд, айни замон дар муддати ҳамагӣ 30 дақиқа бо дастгоҳи замонавии Ҷон эксперт, ки дар тамоми марказҳои хизматрасониҳои тиббии кишвар таҷҳизонида шудааст, муайян месозад.

Маҳинаи ДАВЛАТ,
“Тоҷикистон”

ШАКАРХАНД

Санҷиши садоқат

Зане пардаҳои хонаашро иваз мекунад.

Шавҳар ба хона маст омада, дарҳол хобаш мебарад. Соати 4-и субҳ мард бедор шуда, як ба атрофаш нигоҳ мекунаду зуд либосҳояшро пӯшидан мегирад.

Занаш ба ӯ мегӯяд:

-Ту ба кучо?

Мард дар ҷавоб:

-Даматро гир, занам маро мекушад!

Фариштa

Духтарак аз модараш мепурсад:

-Оча, фариштаҳо мепаранд?

Модар:

-Бале, духтарам, мепаранд.

Духтарак:

-Дадаам ҳамсоязанро фариштa номид, вай кай мепарад?

Модар:

-Баъди 10 дақиқа.

Ҷазои бибӣ

Модаркалон набераи чорсолаашро барои беодобӣ ҷазо доданӣ шуда, дар кунчи хона рост мемонад. Баногаҳ бобои духтарча, ки наберачаашро хеле дӯст медорад, кӯдакро дӯстдорӣ карда мегӯяд:

-Бибият ҷанг кард? Ҳозир ман гӯшҳояшро мебурам.

Кӯдак гиряашро бас карда, аз бобояш мепурсад:

-Бобо, гӯшашро буридед, гӯшворашро ба ман медиҳед?

Домоди фолбин

Духтару ҷавоне шинос мешаванд. Духтар мепурсад:

-Ту ба ман маъқул шудӣ. Дар кучо кор мекунӣ?

Ҷавон мегӯяд:

-Корманди амният ҳастам.

Духтар:

-Канӣ ягон чизи аҷиб нақл кун.

Ҷавон:

-Дар бораи ту ё дар бораи худам?

Тифли зирак

Зане ба меҳмонони хонааш мегӯяд:

-Марҳамат, хӯрдан гиред, шарм надоред...

Ин замон духтарчаи хурдсоли зан гапи модарашро бурида мегӯяд:

-Оча, шумо нодуруст мегӯед. Мисли мураббияи мо ин тавр гӯед:

-Нозу нузатонро дар хонаи худатон мекунед. Тез-тез авқот хӯред.

Барномаи ғолиб

Зану шавҳар ҷанг карда, якдигарро хуб дашном медиҳанд. Баногаҳ занги дар садо медиҳад, аз паси дар писарчаи ҳамсоя мегӯяд:

-Хола, дадаму бобом мепурсанд, ки чунин барномаи аҷиброро аз кадом шабакаи телевизион намоиш дода истодаанд?

Баҳри мурда

Писарак аз модараш мепурсад:

-Уқёнуси Ором ҳамеша ором аст?


Модар ба ғазаб омада мегӯяд:

-Ягон суоли боақлона дода наметавонӣ?

Писарча ин дафъа мепурсад:

-Метавонам. Баҳри Мурда барои чӣ мурдааст?

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

Посухи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминзода З.Т. ба саволи хонандаи ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, сокини шаҳри Душанбе Сафар Шокиров




Дар шумораи 9- и ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, зери унвони «Пурсед, ҷавоб медиҳанд!» саволи сокини шаҳри Душанбе Шокиров Сафар ба чоп расидааст, ки ба он чунин ҷавоб дода мешавад:

Хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (таҳрири соли 1997 бо тағйироту иловаҳо) амалӣ када мешавад.

Дар сурати бекор карда шудани қарори мақомоти салоҳиятдор оиди хусусигардонии моликияти давлатӣ он ба ҳолати аввала, яъне ба давлат баргардонида мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи шахрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк» аз 15.05.2007 танҳо ба қонунигардонии молу мулки шахрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, муҳлати татбиқи он то 16 ноябри соли 2008 идома гардидааст.

Айни замон, авфи молу мулки давлатиро қонунигузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар накардааст.



Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: С.РОЗИҚЗОДА